# ТУНЉЕР ЉУЉЕНОЃЛУ

# ПЕСА ИБОРАТ АЗ ДУ ЌИСМАТ

1981–Љоизаи Абди Ипекчи

1986–Љоизаи Авни Диллигил барои бењтарин асари бадеии сол

Аз русї тарљумаи Сирољиддин Икромї

ТУНЉЕР ЉУЉЕНОЃЛУ

Маълумоти фишурда рољеъ ба нависанда

**Туњљер Љуљеноѓлу яке аз намояндагони шинохта ва наљиби драматургияи муосири Туркиё аст.**

**Инак, чањоряк аср боз песањои ў дар Туркиё ва хориљ аз он бо муваффаќияти беназир ба сањна гузошта мешаванд.**

**Песањои Туњљер Љуљеноѓлу наздик ба бист забони хориљї тарљума гардидаанд.**

**Булѓористон, Руминиё, Австаролиё, Русия, Чехиё, Гурљистон, Олмон... ин аст рўйхати нопурраи кишварњо, ки дар авќоти мухталиф песањои муаллиф сањнавї гардонда шуданд ва дар бархе аз онњо то кунун ба намоиш гузошта мешаванд.**

**Песањое ба мисли «Занакгап», «Нейзен», «Вертолет», «Фурўравї», «Бунбаст», «Рангмол», «Кулоњ», ва ѓ. дар давоми беш аз бист сол ба муаллиф шуњрати эљодї оварда, ўро сазовори дарёфти љоизањои адабию театрии мањаллї ва миќёси байналмилалї гардондаанд.**

**Айни њол Туњљер Љуљеноѓлу дар самти эљоди песањои тоза ва таълими мањорати театрии љавонон саргарми фаъолияти босамару пурмањсул аст. Ў дар Донишгоњи Истамбул ба њайси омўзгори мањорати драматургї фаъолият карда, дар «Иттињоди драматургњои Туркиё» ва «Иттифоќи кормандони театрии Туркиё» вазифањои масъулро бар дўш дорад.**

**ИЉРОКУНАНДАГОНИ НАЌШЊО:**

**1.ЉЕЛИКО…………………………30-сола**
**2. СПАНОС…………………………45-сола**
**3. ЛИЛИКО…………………………20-сола**

## ЌИСМАТИ АВВАЛ

*Мењмонхонаи барњаво.*
*Аз рост роњи воридшавї аз кўча. Аз чап дар ба њуљраи хоб. Тиреза бо пардаи зич пўшонида шудааст.*
*То вошавии парда аз родиё садои мардона баланд мегардад.*

*ОВОЗИ МАРД*

*Бистуякуми апрели соли 1967 дар Юнон табодулоти давлатї сурат гирифт ва пешвои мухолифин Паподопулос бо гурўњи шўришгарон ба сари ќудрат омад. Парламент пароканда шуд ва њамаи њизбњои сиёсии то кунун амалкунанда лаѓв карда шуданд. Барои пахши муќовимат ва  ором гардонидани афроди норозї, роњбарияти нав Шўрои муваќќтаии давлатї таъсис дода, наздик ба сї њазор нафарро ба њабс гирифт. Дар миёни мањбусон намояндагони тамоми ќишрњои ањолї дида мешаванд: нависандагон, њунармандон, омўзгорон, адвокатњо, рўзноманигорон, духтурон, муњандисон, афсарон, дењќонон, коргарон, донишљўён… Баъди азобу шиканљаи тўлонї бегуноњии як гурўњи одамонро эътироф намуда, онњоро љавоб доданд.*

*Садои ќадамзании бонизом шунида мешавад, ки тадриљан наздик гардида, баъдан дур мегардад.*

*ОВОЗИ ЗАНОНА*

*Бо гузашти њафт сол… Афина…соли њазору нуњсаду њафтод*

*Парда зери садои зангула боз мегардад… њамзамон гулдуроси раъд шунида мешавад.*

*Љелико пушт ба тамошибинон истода, туфанги дасташро фаъол месозад, ба мили он садопахшро насб мекунад ва дар њолати интизорї ќарор мегирад.*

*Садои наздикшваии ќадамзаниро шунида, беовоз ба сўйи дар медавад ва гўш фаро медињад.*

*Садои занги дар баланд мегардад.*

*Љелико дам ба дарун гирифта, мунтазир мемонад.*

*Занги дар аз нав садо медињад.*

*Аз берун овози Лилико ба гўш мерасад.*

ЛИЛИКО
Боз кун, ин манам…
ЉЕЛИКО
*(зуд дарро мекушояд ва Лилико вориди хона мегардад)* Омадед?
ЛИЛИКО
Бале. Ў онљост, дар поён…
ЉЕЛИКО
Хайр, чї тавр?
ЛИЛИКО
Намедонам…
ЉЕЛИКО
Бадгумон нашуд?...
ЛИЛИКО
Намедонам…
ЉЕЛИКО
Худрав?
ЛИЛИКО
Азони ўст.
ЉЕЛИКО
Метавонист бо худрави давлатї биояд.
ЛИЛИКО
Ман истодагарї кардам.
ЉЕЛИКО
Хуб аст.
ЛИЛИКО
Бо мо чизе рух нахоњад дод?
ЉЕЛИКО
Чї метавонад рух дињад?
ЛИЛИКО
Намедонам.
ЉЕЛИКО
Нигарон набош.
ЛИЛИКО

Њамаљо сарбозњоянд.
ЉЕЛИКО
Њар шаб њамин њол аст.
ЛИЛИКО
Барои коре омодагї мегиранд.
ЉЕЛИКО
Кадом?
ЛИЛИКО
Иблисро маълум.
ЉЕЛИКО
На. Ба њар њол…
ЛИЛИКО
Намедонам.
ЉЕЛИКО
Ана, мебинї. Ту чї, фикр дорї, ки ин њама њаракати онњо танњо ба хотири мост?
ЛИЛИКО
Дар мавриди чизе дигар намеандешам… ва дар ошхона, вақти мулоқот…ба назарам чунин намуд, ки њама дар мавриди њама чиз медонанд…
ЉЕЛИКО
Њама чиз, яъне чї?
ЛИЛИКО
Яъне он ки ман ўро ба ин љо меорам.
ЉЕЛИКО
Ноларо бас кун. Нўшидї?
ЛИЛИКО
Нўшидам.
ЉЕЛИКО
Бисёр?
ЛИЛИКО
Ду финљон. Ба худ иљозат медодам, бештар менўшидам…
ЉЕЛИКО
Иљозат медодї…
ЛИЛИКО
Охир, ман сари фармони худрав њастам…
ЉЕЛИКО
Хуб. Ин љо метавонї то њар қадаре мехоњї, бинўшї…то хира шудани ақл… чї қадари дигар дар поён интизор мемонад?
ЛИЛИКО
Ман панљ дақиқа гуфтам. Канор рафтани парда ва фурўзон гардидани чароғро дида, меояд.
ЉЕЛИКО
Бошад. Бигузор, биояд.
ЛИЛИКО

Сабр бикун…њама ин дар ибтидо бароям сањлу осон менамуд…
ЉЕЛИКО
Акнун?
ЛИЛИКО
Дар асл осон набудааст…
ЉЕЛИКО
*(бо ишораи даст ба хомўш мондан маљбур месозад)*. Њамааш хуб љараён дорад.
ЛИЛИКО
Давомаш чї?
ЉЕЛИКО
Давомаш низ чунин њоњад шуд. Љойи нигаронї нест.
ЛИЛИКО
Ман метарсам… метарсам… наметавонам бар худ мусаллат бошам… андешањоям сардаргуманд…
ЉЕЛИКО
Акнун туро мешиносам Антигона! Антигонаи хурдакаки мо! Шарм намедорї, ки метарсї? Охир, ту њунарманди мої?! Илова бар ин, боистеъдод! Охир, каме дигар ва туро ба он љо, ба театри калон, ба кор мегирифтанд.
ЛИЛИКО
Он кори дигар аст… мо, ки алъон дар сањна нестем…
ЉЕЛИКО
Чаро ба сањна намонад? *(Пўзханд мезанад).* Бар ин назарам, ки намоишномаи хубе эљод мешавад. Ин аст тазйини (декоратсияи) мо. Ширкаткунандагон- Љелико, Лилико, Спанос. Рафтееем.
ЛИЛИКО
Сабр бикун… на ба чунин шитобзадагї *(гулдуроси раъд. Пауза)…*Биё, аз бањри њамааш мегузарем…
ЉЕЛИКО
Ту чї, магар аќлатро хўрдаї?
ЛИЛИКО
Ин њама моро ба хубї намебарад…
ЉЕЛИКО
Аллакай дер шуд…
ЛИЛИКО
Барои чї?
ЉЕЛИКО
Барои он, ки каме дигар… ва хотима меёбад.
ЛИЛИКО
Охир, номуяссар аст…бо худ коре карда наметавонам…
ЉЕЛИКО
Ба ваќти нахуснамоишат низ дар чунин њол будї… баъд чї?... њамааш паси сар шуд ва ќарсакњои бардавоми тамошибинон нисорат шуд…њамин тавр буд?

ЛИЛИКО
Ман меравам… мегӯям хоњарам омад…бигузор биравад…
ЉИЛИКО
Бењудагӯйиро бас кун… Бигузор равад!... њафт сол омодагї дидем, интизорї кашидем… ва ана, марњамат ба ту, бигузор равад! Њафт сол дар нињодам ба мисли љанин парвардам, њамаро то хурдтарин љузъиёт сайќалу пардоз додам, гиромї доштам, коркард намудам, такмил бахшидам… ва ана… бигузор равад ва чањчањзанон зиндагиашро ба роњ монад…не, неееее…њар касу дави аспаш! Касе наметаовонад барои кирдори содиркардааш аз љавобгарї канор равад… Роњи дигар нест…Мо мувазззафем, ман вазифадорам, ки инро анљом дињам… Лилико… Ту хоњари ман њастї… ва бовар бикун, ман ба озор додани ту майл надорам ва набояд дошта бошам…
ЛИЛИКО
Ман, албатта, мефањмам…аммо…
ЉЕЛИКО
Њеч аммо љой надорад…заруратро анљом медињем…њар вақт ман мегӯям, иљро мекунї… ва агар нахоњї…он гоњ…Ман имкони интихоби дигар надорам… Њозир ба поён мефароям ва бидуни муќаддимаю њарфи зиёдатї кори ӯро тамом мекунам…ана, њамин тавр,… дар як мижа ба њам задан…
ЛИЛИКО
Охир, дастгират мекунанд…
ЉЕЛИКО
Шояд аз уњдааш набароям ва ӯ маро ба њалокат расонад…Аммо агар ӯ ба ин љо оварда шавад ва њамаро тавре анљом дињем, ки тарњрезї кардаем, имкони муваффаќияти мо бештар мегардад…
ЛИЛИКО
Аммо агар фањмад?...раваду пай барад, ки ногуворие дар пеш аст?...он гоњ чї мешавад?
ЉЕЛИКО
*(туфангро нишон медињад)* Ин садопахш дорад… Аммо фикр намекунам, ки зарурати корбурди он пеш ояд… њамааш тавре хоњад шуд, ки мо наќша кашидем… Њама то хурдтарин љузъиёташ ба эътибор гирифта шудааст… Чї ќадар фикр кардем, бањс намудем, санљидем, машќ кардем… ќадам ба ќадам…њаракат паси њаракат… ба мисли шоњмотбозон...чанд њаракат ќабл… Акнун бирав, пардаро канор бизан, чароѓро фурӯзон намо ва интизор бош…меояд… давида меояд…ту зебоснами ман њастї… чї тавр метавонад мафтунат нагардад? Ӯ дар он љо интизор аст ва дар оташи як њоњиш, хоњиши њарчи зудтар ба ин љо омадану бо ту њамхоба шудан саропо месӯзад… *(Лиликоро такон медињад)* Аммо ин сурат намегирад…тираш хок мехӯрад…интизориаш барабас меравад…њамааш аз рӯйи наќшаи мо амалї мешавад. Рав, рав, пардаро ба як сӯй бар *(Лилико даст ба парда мебарад)*њарчи бодо бод…
ЛИЛИКО
Таваккал ба Худо

ЉЕЛИКО
Гаштаю баргашта дар мавриди навзод бипурс… аз ёд набар…
ЛИЛИКО
Аз ёд намебарам…шояд зарурат нест?
ЉЕЛИКО
Ин бурди умдаи мост…ку бигў…омодаї?
ЛИЛИКО
Омода…
ЉЕЛИКО
Рафтем. *(Ба њуљраи хоб мегузарад. Садои тоб додани калид аз сўйи ў шунида мешавад ва дар дохил пинњон мегардад. Лилико пардаро канор зада, барои даргирондани чароѓ майл мекунад, аммо ин лањза Љелико њаяљонзада дари њуљраи хобро во карда, баргашта меояд)* Сабил монад, наздик буд, ки фаромўш бикунам… *(Ба туфанги дар рўйи миз хобида, чанг зада, давида бозпас меравад. Лилико чароѓро фурўзон месозад. Садои наздикшавии ќадамзанї шунида мешавад ва занги дар садо медињад. Лилико дарро боз мекунад. Дар даст родиё-магниитофони автомобил Спанос њозир мешавад).*
СПАНОС
Наздик буд домани умедвориро рањо бикунам.
ЛИЛИКО
Барои чї?
СПАНОС
Гумон бурдам, ки хоњаратро ин љо мулоќот намудї *(Нигоњи кунљковонаи Лиликоро, ки равона ба родиё-магнитафон аст, пай мебарад).* Ин мањал ба биёбон мемонад…шикорчиён зиёданд…метавонанд шиллик зананд…
ЛИЛИКО
Яъне…
СПАНОС
Дуздњо бисёранд, метавонанд ба яѓмо баранд… њамаљо пур шудааст аз онњо…эњтиёткор бояд буд…*(Лилико родиё-магнитафонро аз дасти ў гирифта, ба рўйи миз мегузорад, баъдан болопўши вайро гирифта, ба либосовез меовезад)* Пойпўши хонагї нест?
ЛИЛИКО
Метавонї бо туфлињоят монї.
СПАНОС
Охир, хоколуд месозам.
ЛИЛИКО
Боке нест.
СПАНОС
*(Пойњояшро тоза мекунад)* Ман њатто дар коргоњ баровардани онњоро афзал медонам. Бо туфлї худро дар кўча эњсос мекунї.
ЛИЛИКО
Худро озод њис намо.
СПАНОС

Пойњоям хориш мекунанд...хеле истодам, дурудароз интизорат мондам *(хандида, ба нармкурсї менишинад)*. Хонаи зебову барњаво доред...
ЛИЛИКО
Оре, бад нест.
СПАНОС
Аммо хеле дур.
ЛИЛИКО
Истгоњи автобус, ба хона наздик аст. Њар як ним соат  њаракат мекунад...
СПАНОС
Ба њар њол дур аст...
ЛИЛИКО
Аммо хонапулї арзон аст.
СПАНОС
Ба маркази шањр наздиктар љўё мешудед.
ЛИЛИКО
Албатта, бењтар мебуд, аммо ќиммат аст.
СПАНОС
Шояд ин љо хонапулї арзон бошад, аммо роњ харољот дорад...
ЛИЛИКО
Бале, аммо аз рўйи њисоби мо ин љо сарфа бештар аст...
СПАНОС
*(дар рафтори Лилико эњсоси изтироб мекунад)* Туро чизе ба ташвиш меорад?
ЛИЛИКО
Маро? На, на. Ман куллан оромам.
СПАНОС
Не нагўй. Ту аз чизе нигаронї. Ман-ку мебинам.
ЛИЛИКО
Шояд аз он боис, ки бори аввал аст...
СПАНОС
Чї, бори аввал?
ЛИЛИКО
Бори нахуст аст, ки ман касеро  ба ин љо меорам...шояд аз ин хотир бошад...
СПАНОС
Шояд.
ЛИЛИКО
Чаро шояд? Бовар намекунї?
СПАНОС
Барои чї?...бовар мекунам. Дар боло кї зиндагї мекунад?
ЛИЛИКО
Дар кадом боло?
СПАНОС
Дар ошёнаи фавќ.
ЛИЛИКО

Зану шавњари солрафта.
СПАНОС
Чароѓи онњо фурўзон нест.
ЛИЛИКО
Шояд ба куљое рафтаанд. Аљаб не, ба дидорбинии фарзандонашон. Гоњо ба назди онњо мераванд ва шаб онљо мемонанд. (*Бонги худрави ёрии таљилї).* Гармидињандаро фаъол бикунам?
СПАНОС
Не, не, лозим нест.
ЛИЛИКО
Аз чи бошад, ки ман хунук хўрдам.
СПАНОС
Фаъол бикун, аммо ман эњсоси хунукї намекунам.
ЛИЛИКО
Ларзаамро дошта наметавонам.
СПАНОС
Дар берун борон меборад ва намии нафратангез аст… шояд аз ин боис бошад…
ЛИЛИКО
Бо иљозати ту ба ошхона меравам…дар асл њама омода аст…танњо овардан лозим…*(Меравад. Спанос дар њуљра ќадам зада, онро аз назар мегузаронад. Дари њуљраи хобро кушоданї мешавад. Лилико синї (табаќ) дар даст аз ошхона бармегардад).*
СПАНОС
*(Фањмида)*Њуљраи хоб?
ЛИЛИКО
Њуљраи хоњарам.
СПАНОС
Ин шаб њам?
ЛИЛИКО
Оре.
СПАНОС
Танњо?
ЛИЛИКО
Маро ба шарм доштан маљбур манамо.
СПАНОС
Чаро он љо нею ин љо?
ЛИЛИКО
Вуруди маро ба он љо њоњарам намеписандад. Ќоидањои худро дорад. *(Дастаи дарро мекашад)* магар намебинї, баста аст.
СПАНОС
*(Аз љайбаш бастаи калидњоро берун меорад).* Метавонам онро кушоям.
ЛИЛИКО
На, на.

СПАНОС
Барои чӣ?
ЛИЛИКО
Чӣ лозим?
СПАНОС
Њамту, барои дидан.
ЛИЛИКО
Зарурат надорад. Хоњарам асабонӣ мешавад.
СПАНОС
Магар аз хоњарат то ин њад метарсӣ?
ЛИЛИКО
На…билкул наметарсам… њамту, кирдори ўро эњтиром ќоилам.
СПАНОС
Эњтиром мекунӣ?
ЛИЛИКО
Ў барои соњибмаълумот шудани ман љањди бисёр дорад.
СПАНОС
Рафту ў биояд.
ЛИЛИКО
Ман худам ўро ба автобус шинондам. Камаш баъд аз се рўз бармегардад. Бароят бирезам?
СПАНОС
Марњамат…яъне ту њамаро ќаблан тарњрезӣ кардаӣ…
ЛИЛИКО
*(Њушмандона худро аз бўсаи Спанос канор гирифта)* Бале…тарњрезӣ кардам…аммо шитобзадагӣ зарурат надорад…
СПАНОС
Бошад. Шитоб намекунем.
ЛИЛИКО
Шаби тўлонӣ дар пеш аст.
СПАНОС
Оре, тамоми шаб.
ЛИЛИКО
Пас, барои ин рўйдод…*(ќадањро бардошта, бо ќадањи Спанос бармезанад)*
СПАНОС
Њама ашёи шумо зебост…љињоз…
ЛИЛИКО
Ба ту гуфта будам, ки хоњарам дар фурўшгоњи бузруги мебелфурўшӣ кор мекунад… метавонам бароят як сирри хурдакакро ифшо созам…њамаи ин љињоз нуќс доранд. Дар назари аввал нонамоён аст, аммо дар њар як курсӣ ва ё љевон иллате дида мешавад, барои њамин аввал онњоро корношоям мебароранд ва баъдан бо нархи арзон ба кормандони худ мефурўшанд.
СПАНОС
Аммо ман њеч як нуќсеро намебинам.

ЛИЛИКО
Ба ин нигоњ накарда, он њаст. Аз кормандон пардохти якбораи маблаѓро талаб намекунанд.
СПАНОС
Яъне имтиёзи муњлатнок медињанд?
ЛИЛИКО
Бале, муњлатнок.
СПАНОС
Хуб аст.
ЛИЛИКО
На, дар асл чунин нест. Шояд аз нигоњи аввал ба назар хуб намояд, аммо чун муњлат наздик меояд, эњсос мекунї, ки туро фирефтаанд. Наздик ба нисфи даромадаи солонаи хоњарам барои пардохти ин маблаѓ сарф мегардад.
СПАНОС
Телевизор нест?
ЛИЛИКО
Нест.
СПАНОС
Телевизорро дўст медорам…силсилафилмњо…зиндагиро рангин месозад.
ЛИЛИКО
Ба андешаи ман мунњариф месозад. Ман бояд омодагї бигирам ва барои он ки аз машѓулият ва дарсњо канор намонам, тасмим гирифтем, ки набошад.
СПАНОС
Фањмидам. (*Ба назди љевони китобњо меравад).* Китобњои шумо хеле бисёр аст. Онњо мунњариф намесозанд?
ЛИЛИКО
На, онњо фароѓат меоранд ва имкони истироњат муњайё месозанд.
СПАНОС
*(Аз љевон нахусткитоби ба чашмаш бархўрдаро мегирад)*. «Нањанги сафед»…ин чї китоб аст?...Хуб аст?
ЛИЛИКО
Хуб аст.
СПАНОС
Хондї?
ЛИЛИКО
Чаро мепурсї?
СПАНОС
Аз њад зиёд ѓафс аст. Ва бо њуруфи хурд чоп шудааст. Чї ќадар сабру тоќат лозим аст…ба чашм осеб мерасонад…
ЛИЛИКО
Куллан чунин нест. Бо ќаноатмандї мутолиа намудам… њатто се маротиба…
СПАНОС
Се маротиба?
ЛИЛИКО

Итминон дорам, агар бихонї, ба ту њам писанд меояд.
СПАНОС
Дар мавриди чист?
ЛИЛИКО
Як капитан…дар маљмўъ нањанги сафедеро мељўяд, ки замоне пойи ўро канда, гирифтааст… ва…
СПАНОС
Баъд чї? *(Аз кўча се дафъа садои њуштаки пайдарпай шунида мешавад).*
ЛИЛИКО
Мехоњад онро мањв созад.
СПАНОС
Магар аз ибтидо то интињо роњеъ ба њамин аст?
ЛИЛИКО
Оре.
СПАНОС
*(Дар зоњир ба фарди фањмида мемонад).* Ања… аљиб аст…
ЛИЛИКО
Ту чї, магар мутолиаро дўст намедорї?
СПАНОС
Росташро гўям, кам мутолиа мекунам…агар њаќиќатро гўям, барои он намехонам, ки китобњо…ин китобњо, охир, њама дурўѓанд…музахрафанд…бофтаанд… ва баъд … ваќт нест… билкул ваќт нест...Обломов…Гончаров…Опля!...онњо чї, русанд?
ЛИЛИКО
Аз куљо медонед?
СПАНОС
Чї тавр надонам…насабашон бо «ов», «мов» хотима меёбад…Шояд инњо адабиёти мамнўъ њастанд?
ЛИЛИКО
Э, не. Озодона дар дуконњо фурўхта мешаванд.
СПАНОС
*(Китобро варақ зада)* Ту бубин…роњеъ ба ин китоб њатто Ленин изњори назар кардааст… Имкон дорад, ки адабиёти мамнўъ бошад…Ман-ку бо ту њастам, аммо бубин, боз барои худат дарди сар эљод накунї…Ман коре карда, барои ту рўйхати адабиётеро меорам, ки мутолиаашон манъ шудааст, …Дар ёд дошта бош. Оњ ин Ленин! Аз яке замин, аз дигаре фабрикаро гирифта, ба кї дод? Ба давлат! Яъне давлатро хўљаин ва дигаронро ба ѓулом табдил дод…аз ин сањар то он сањар кор мекунанд ва бехобу беистироњат дар нимгуруснагї умр ба сар мебаранд…ин њаќиќат дорад, дањшат аст…дар ин љо њам кўшиданд, ки чунин бикунанд, аммо Худоро шукр, ки одамони мо нагузоштанд.
ЛИЛИКО
Кї љањду талош кард?
СПАНОС

«Комњо»… коммнистњои мањаллї…Мо онњоро њамин тавр, «ком» ном мебарем…ту чї, магар ба сиёсат ягон таваљљўњ надорї?
ЛИЛИКО
На, њамаи ваќт сарфи тањсил мегардад…
СПАНОС
Њамд бар Худо, ки љавонони имрўз ба баракати тањсил барои сиёсат ваќт намеёбанд.
ЛИЛИКО
Ин магар хуб аст?
СПАНОС
Албатта хуб аст. Медидї, ки то инќилоб… њама коргарон ва хоса донишљўён љонибдори коммунистњо буданд…боихтиёру беихтиёр барои онњо кор мекарданд. Кишвар дар вартаи нобудї ќарор дошт…бале, азизи ман, љамъияти кишвари мо мебояд аз субњ то шом дар њаќќи мо, ки barояш озодї овардем, дуогў бошад…*(Садои њаракати худрав ба гўш мерасад. Спанос ба кўча менигарад*).
ЛИЛИКО
Њозир дигар хатар тањдид намекунад?
СПАНОС
Чї гўям, ин њаромзодањо пинњонї фаъолият мебаранд. Бояд њушёр бошем, вагарна бо даст додани аввалин имконият рў мезананд ва даст ба бедодгарї мебаранд, аммо… баргашт ба собиќ нест. Њоло замон дигар шудааст. Дар њафт сол бисёр чиз таѓйир ёфт…Ягона нуќтаи заифи љавонони мо ин норасоии тањсилот аст. Хондан, хондан ва боз хондан! Он рўз фаро мерасад, ки љавонони мо маѓзи ѓоянњои Мегалоро дарк мекунанд ва билохира…
ЛИЛИКО
Ѓояи Мегало?
СПАНОС
Оре, ѓояи Мегало! *(Аз кўча ќадамзании бонизом шунида мешавад).* Љавонон оташро монанд. Агаро он дуруст истифода ва таври лозим равона карда шавад, бо ёрии он метавон њам гарм шуд ва њам обро љўшонд…ва агар беназорат гузошта шавад, онгоњ имкон дорад, ба сўхтори бузург бадал ёбад ва худатро ба комаш кашад. Зарур аст, ки дар назди љавонон њадафи мушаххас гузошта шавад. Марњамат, Истамбл, Измирро гирем, то дирўз дар дасти мо буданд, аммо њоло чї? Барои чї ончи ба мо марбут аст, дар дасти бегонањо бошад? Онњоро пас гирифтан лозим. Ту мешунавї?
ЛИЛИКО
Бале, бале, албатта, бо ќаноатмандї ва завќи тамом. Баъд, боз масъалаи Кипр њам њаст.
СПАНОС
Мо инро њам њал мекунем. Њатман њал мекунем. Мо кори худро медонем. Тадриљан, афсарону сарбозони худро омода месозем…ва дар кўтоњтарин муддат Кипрро бозпас мегирем. Наход мо дар љанги озодихоњї ба хотири он

хун рехтем, ки билохира ба таври мусолиҳатомез ҷазираҳоямонро бо онҳо қисмат бикунем? Ту наменўшї?
ЛИЛИКО
Чаро, менўшам *(дар асл ҳар дафъа шароби қадаҳро ба гулдон мерезад).*
СПАНОС
*(Аз ҷевон китоби дигарро мегирад)* Барбара Картланд… инаш чист?
ЛИЛИКО
Дар бораи ишқ.
СПАНОС
Фаҳш?
ЛИЛИКО
На, на, ишқи ҳақиқї.
СПАНОС
Наход? Ин хуб аст.
ЛИЛИКО
Барои чї?
СПАНОС
Зеро дар ҳаёти инсон ду лаҳзаи муҳим аст–пул ва ишқ.
ЛИЛИКО
Ба андешаи ту кадоме аз инҳо муҳимтар аст?
СПАНОС
Ман, албатта, туро интихоб мекардам!
ЛИЛИКО
Наход?
СПАНОС
*(Наздик гардида)* Албатта! *(Гулдуроси раъд)*
ЛИЛИКО
Боз шитоб мекунї.
СПАНОС
Ту ақламро мерабої…сарфи назар аз синну сол… ба булуғрасидаро монї…
ЛИЛИКО
Ту бошї ба синну солат нигоҳ накарда…осемасар ҳастї…гўё мехоҳї ҳарчи зудтар корро анҷом дода, фирор намої…
СПАНОС
На, барои чї…чаро чунин бадгумонї?
ЛИЛИКО
Ҳама мардон ҳамингунаанд. Ба шумо танҳо ҳамин лозим аст.
СПАНОС
На, акнун рўшан мешавад, ки ту дар бораи мардон чї қадар медонї. Аммо маро бо дигарон яксон мадон.
ЛИЛИКО
Умед меварзам, ки ту аз ин шумор нестї. Ягон вақт савора рафтаї?
СПАНОС
Яъне савори асб?

ЛИЛИКО
Бале.
СПАНОС
Муяссарам буд.
ЛИЛИКО
Даврзанї буд? Яъне нишастан бар асбе, ки савориро надидааст… бори аввал…он беќарор мешавад, лагад мепартояд…метарсад… онро орому сара бояд кард…таълим бояд дод…афсуну мафтун кард…
СПАНОС
Сатњи донишро бубин то чї њад аст…
ЛИЛИКО
Агар бо ў даѓалона рафтор намої, аз болои худ ба замин њаво медињад…
СПАНОС
*(Гўё хушомад мезанад)* Ман зўран бармегардам…
ЛИЛИКО
Ў рад мекунад…роњи дари баромадро нишон медињад..
СПАНОС
Агар наравм чї?
ЛИЛИКО
Агар он рўз наравї, имкони бори дигар ба назди ў омаданро аз даст медињї.
СПАНОС
Хирадмандона.
ЛИЛИКО
Боз як саволи дигар: чун сањар ба худрав мешинї, чї кор мекунї?
СПАНОС
Аввал обу равѓанашро мебинам, баъд муњаррикро ба кор медарорам… каме сабр мекунам, то гарм шавад ва баъд…
ЛИЛИКО
Дидї? Худат гуфтї, то муњаррик гарм шавад…метавон сабр кард, то гарм шавад?
СПАНОС
Оњ, ту… аз чї зовияе ворид шудї-а…Ќоил кардї *(Аз ў канор меравад)* Охир, барои чї? Барои чї?
ЛИЛИКО
Яъне?
СПАНОС
Барои чї мо на њамеша боњамем?
ЛИЛИКО
Њамааш дар пеш аст…Агар ту, воќеан њам, бихоњї…
СПАНОС
Мехоњам. Албатта, мехоњам…
ЛИЛИКО
Ва ту инро имконпазир мешуморї?
СПАНОС

Албатта. Чї буд?
ЛИЛИКО
Аммо ту муљаррад нестї.
СПАНОС
Ин халал намерасонад…
ЛИЛИКО
Гўш бикун. Биё, каме биандешем *(Ќадањашро ба ќадањи ў мерасонад)* Ману ту тасодуфан шинос шудем… дар ошхона…ту таваљљўњи маро бо бепаровиат љалб намудї…
СПАНОС
Бубин, чи ќадар мушоњидакор аст.
ЛИЛИКО
Ту аз нигоњи аввал ба ман писанд омадї. Аммо баъдтар ангуштари никоњиатро дидам…
СПАНОС
Барои ман арзише надорад, шаќшаќаи холї. Рамзи зани орї аз муњаббат…
ЛИЛИКО
Агар мо зану шавњар мебудем, мисли полис њар як ќадаматро зери назорат мегирифтам. Як даќиќа њам аз худ канор намегузоштам.
СПАНОС
Ман барои канор рафтан саъй њам намекардам.
ЛИЛИКО
Дурўѓ. Чунон љањд мекардї, ки… Ман бошам, њар соат ба ту занг мезадам. Шояд ба љон мерасондам, аммо ба њар њол мекўшидам, ки ѓамгусорат бошам, хушбахтат бисозам. Ба ту сари таъзим фурў меовардам… *(Магнитофонро фаъол мекунад)*
СПАНОС
*(Хушњолона раќсида)* Эњење! Ана, ман чи хел бузург будам!...
ЛИЛИКО
Як чиз бароям нофањмост. Чї тавр ту бо зане, ки дўсташ намедорї, издивољ намудї?
СПАНОС
Напурс…
ЛИЛИКО
Набояд чизеро аз якдигар пинњон дорем.
СПАНОС
Ту маро чуноне ки њастам, пазирўфтї… *(Пауза).* Њамкоре доштам…дар як минтаќа кор мекардем…безор кард «Дарзмол, шустшў, хўрокпазї»… барои ту зан ёфтан лозим…зан гир, зан гир…барои ман зан кофту билохира ёфт… аз ман дањ сол бузургтар… аммо сарватманд…хонањо дорад… намуди зоњир, тавре ў мегўяд, муњим нест… муњим зебоии маънавї ва ростќавлист… Ва боз ў омода буд, ки барои тањсилоти олии ман маблаѓро пардохт намояд…аммо баъд…
ЛИЛИКО

Баъд чї шуд?
СПАНОС
Баъд... дар сарам кулоњи издивољ ман дар маъбад њушёр шудам. Афроде, ки мегўянд пироњани арўсї ба рўйи њар зане зебанда аст, агар маросими арўсии моро медиданд, њарфи худро пас мегирифтанд. Бо ў њатто ба кўча баромадан шармовар буд. Шарманда шудам...Боре бо нафаре шинос гардидам ва ў ба ман гуфт «модари Шумо ба назар хеле љавон менамояд». Чї тавр ба замин фурў намеравї? Аммо, агар вокеиятро гирем, ў зани содиќ аст. Чї метавон кард? Хоњ, нохоњ, ўро лозим аст, ки содиќ бимонад. Кадом марди аблањ ба чунин зани зиштрў таваљљўњ мекунад?
ЛИЛИКО
Маро барои он интихоб кардї, зебоям?
СПАНОС
Туро... ту...бубин, бо ту метавон нишасту чаќ-чаќ кард...
ЛИЛИКО
Давомаш, давомаш чї шуд?
СПАНОС
Давомаш мо соњиби писар шудем. *(Пауза).* Аммо ин њам натавонист, ки муносибати маро бо ў таѓйир бидињад...ба истифода аз имтиёзоти касбии хеш шурўъ намудам...тарабхонањои шабона, казино, клубњо... ин њама барои мо бепул аст-ку...духтарони гуногун дар инљоњо кор мекунанд...аммо писарамро басо дўст медоштам...бо худ мубориза бурдам ва билохира пирўз омадам...оромї ёфтам...бештар барои ба зинаи баландтар баромадан дар хидмат талош варзидам... акнун метвон гуфт, ки издивољ барои ман писар ва маќоми кунуни хидматиро подош дод...
ЛИЛИКО
Аммо ту њоло њам аз уњдадорињои оилавї канор меравї...навбатдорињои мављуднабудаи шабонаро бофта мебарорї...дар тарбхонањову клубњо мегардї...
СПАНОС
*(Хандида)* Албатта... ана, имрўз њам, барои мулоќот бо ту навбатдории шабонаро бањона пеш овардам.
ЛИЛИКО
Баъди ин њама бепардагўйї, бовар бикун, барои ман бештар аз пештар писанд омадї. Ту, чї гўям, аз касе вобаста нестї... ман бошам, њоло донишљўям ва бо кўмаки моддии хоњарам тањсил мекунам...ман гўлу сода наям...шояд аз синнам бештар њушмандтар бошам...ба ту мегўям, ки писандам њастї...хеле писанд њастї... њатто метавон гуфт, ки ошиќат шудам...аммо, њамин тавр, якљониба... ман аз ту ба љуз чунин боњамии шомгоњї дигар чизе намехоњам... њамин тавр, гоње мисли њозир боњам бошем... вале аз ту танњо як дархост дорам...
СПАНОС
Бигў...
ЛИЛИКО

Њамеша бо ман сарењу ошкор бош …
СПАНОС
Мебини-ку, њамингунаам…
ЛИЛИКО
Ба њеч ваљњ ба сохтакорї рођ надењ ва аз ман чизеро пинњон мадор…
СПАНОС
Пинњон надоштаам…
ЛИЛИКО
Ман намегўям, ки пинњон доштї…
СПАНОС
Пас, њадаф чист?
ЛИЛИКО
Медонам, ки бо ту иртибот доштанам бароям ногуворин зиёд хоњад овард ва дар њаёти ман њама дарњам-барњам мегардад, аммо ба њар њол, туро мењоњам…мефањмї…
СПАНОС
Оре…
ЛИЛИКО
Аз алоќаи миёни мо набояд касе донад…ба мо каси дигар лозим нест…
СПАНОС
Албатта, дигарон чї дахл доранд…набояд ба касе гўем…
ЛИЛИКО
Боз як хоњиши дигар дорам…рољеъ ба ман андешаи бад макун…
СПАНОС
Нафањмидам…
ЛИЛИКО
Муродам се њафта ќабл шиносшавии мост…хоњиш мекунам, маро духтари тардомане мапиндор, ки бо нахустмулоќот мардро ба хонаи худ мехонад…
СПАНОС
О, истодагарї аз ман буд, ки маро ба хонаат даъват намої…
ЛИЛИКО
Аммо василаро ман эљод кардам…
СПАНОС
Нафањмидам…
ЛИЛИКО
Охир, ман гуфтам, ки хоњарам нест, танњоям…вањ…чї ќадар шармовар аст…
СПАНОС
Ба мењмонхона рафтани мо имкон надошт…шиносњо бисёранд…ту гуноње надорї…ман пофишорї кардам…олудаи гуноњ нестї…
ЛИЛИКО
Бегуноњам?
СПАНОС
Мутлаќо!
ЛИЛИКО

Итминон дорї?
СПАНОС
Албатта, итминон дорам. Мо на барои он ба замини Худо омадаем, ки њамеша худро барои коре маломат бикунем. Ва ногуфта намонад, ки њама инсонњо дар назди якдигар ва њатто дар назди худ гуноње доранд… барои роњ додан ба иштибоњ, шояд њатто дар айёми кўдакї бошад, виљдон азият медињад…дар куљое хонда будам *(ба фикр фурў меравад)* дар зењнам намеояд дар куљо… «Агар њар фарди ба иштибоњ роњдодаро эњсоси маломати виљдон тарк нагўяд, пас, њама инсонњо бояд зери азоб ќарор бигиранд»…Аммо аз чї бошад, ки њама одамоне, ки љиноятї сангин содир карданд, доимо бо асбоният саъй мекунанд, ки гуноњњои худро тављењ бидињанд… бо гузашти ваќт худи мафњуми гунох дигар мешавад…Дар замони сардаргуми мо, ончи дирўз гунох шумурда мешуд, имрўз кори савоб диониста мешавад ва баръакс, кори хайри дирўз-имрўз гунох. Пас, ба хотири чї худро азият медињему маломат мекунем? Чаро азияти виљдон ќарори моро мебарад?
ЛИЛИКО
Оњ, ту чї ба осонї маро фиреб додї.
СПАНОС
Яъне
ЛИЛИКО
Панљ даќиќа ќабл гуфт, ки мутолиаро дўст намедорї… Вале ба назари ман ба фарди комилан хондагї мемонї…
СПАНОС
Кї? Ман? *(аз рўйи миз рўзномаро ба даст мегирад)* њатто њамин рўзномаи ношудро маљбур мехонам, зеро аз рўйи хидмат муваззаф њастам. *(рўзномаро тавре боз мекунад, ки гўё онро пора карданист)* Аз ин љо чї хонда шавад? Чаро хонда шавад? Чиро метвон ин љо хонд? Хондагї будани маро аз куљо бофтї, намедонам…
ЛИЛИКО
Барои он ки зебо њарф задї…
СПАНОС
Шояд ба ту гуфта бошм, ки чињилсолаам.
ЛИЛИКО
Њамин, ки туро дидам, дарњол дарк кардам, ки ба кадом ќишри мардон мансубї…
СПАНОС
Фањмашро намеравам…
ЛИЛИКО
Ба њар њол фањмида наметавонам, ки оё ба ту писандам ё на?
СПАНОС
Албатта, писанд њастї…зебої…метавон гуфт, ки аз миёни занњои дидаи ман зеботаринї…
ЛИЛИКО

*(Аз афтодан ба оғӯш канор мегирад худро)* Боз нӯшидан мехоњї?
СПАНОС
Ту хеле љаззобу фиребої… *(Ќадањро холї мекунад).*
ЛИЛИКО
*(Ќадањро аз нав пур мекунад)* Мехоњам сармаст шавї, то урёнии маро набинї.
СПАНОС
Пас, ин њама чї маънї дорад?
ЛИЛИКО
*(Шарм дошта)* Ман бисёр шармгинам…
СПАНОС
Чї љойи шарм? Ба фаришта мемонї…
ЛИЛИКО
*(Худ ба худ)* Афсонаро монад…
СПАНОС
Кадом афсона?
ЛИЛИКО
Маълум мешавад, ки бароят маќбулам…
СПАНОС
Беинтињо…аммо ту афсона гуфтї…
ЛИЛИКО
Такрор бикун…батакрор бигӯ, ки бароят маќбулам…бигӯ…
СПАНОС
Маќбулї, маќбулї…афсона кадом буд?
ЛИЛИКО
Ин шом ба афсона монад…хобро монад…раќсидан мехоњї? *(Дасти ӯро мекашад…мераќсанд. Спанос сари њар ваќт пойи ӯро зер мекунад)*
СПАНОС
Ту аљаб дилрабо њастї…
ЛИЛИКО
Рост?
СПАНОС
Ман аз ин дар аљабам…
ЛИЛИКО
Куљои ман ба ту бештар писанд аст?
СПАНОС
Чашмонат… лабњоят…биниат… мӯйњо… дастњои нозукат…
ЛИЛИКО
Кї медонад, ба чї ќадар занњо айни ин њарфњоро гуфтаї…
СПАНОС
То кунун занеро вонахӯрдаам, ки аз ягон љињат ба ту монанд бошад…
ЛИЛИКО
Ин посух нест…
СПАНОС

Фаромӯш бикун…
ЛИЛИКО
Чӣ тавр метавон њама занњоро аз ёд бурд…
СПАНОС
Раќќосањову овозхонњои дувумдарања…минљумла њамсари зиштрӯйи ман…иштибоњи њаётиам…биё, онњоро як сӯ гузорем…
ЛИЛИКО
Кифоя аст дар бораи њамсарат… њама ончи барои ту ногуворӣ эљод мекунад, маро асабӣ месозад…ту бахтбаргаштаӣ манӣ,… аммо матин…ту марди неруманди ман њастӣ…дар канори ту эњсоси амн мекунам…
СПАНОС
Бори дигар маро мард бихон…
ЛИЛИКО
Мард…марди ман…
СПАНОС
Номамро бигир…
ЛИЛИКО
Спанос…
СПАНОС
Бори дигар… бори дигар…
ЛИЛИКО
Спанос…Спанос…Спанос…ой. Устхонњоямро дарњам-барњам мекунӣ…рањоям бикун…
СПАНОС
Аќламро мерабоӣ…канӣ… биё…
ЛИЛИКО
*(Чолокона рањо мегардад)* Пиљакатро бадар бикун…
СПАНОС
Пиљак?
ЛИЛИКО
Гарм аст, охир *(Дар баровардани пиљак ба ӯ ёрӣ мерасонад ва иттифоќан дасташ ба туфанги њамоили вай мерасад)* Инро чӣ?
СПАНОС
Ба ту халал мерасонад?
ЛИЛИКО
Дар миёни мо кадом як оњани сард…албатта, халал мерасонад. *(Спанос ѓилофи туфангро аз миёнаш мегирад).* Омода аст?
СПАНОС
Агар омода нест, чӣ лозим аст?
ЛИЛИКО
Ман аз ин чизњо метарсам.
СПАНОС
*(Милро ба сӯйи ӯ рост карда)* Метарсӣ?
ЛИЛИКО

Онро як сӯ гир *(Гулдуроси раъд)*
СПАНОС
Ман омадам, то имшаб туро бикушам.
ЛИЛИКО
Лозим нест. Хоњиш мекунам.
СПАНОС
Аммо на бо туфанг… Бо лутфу навозиш!...Ту бошї, тарсидї…эй ту, чї, воќеан њам, тарсидї?
ЛИЛИКО
На, на…
СПАНОС
Дар њаќиќат њам ман тирандози хубам… аз њар масофае, ки бошад…
ЛИЛИКО
Рост? Намедонистам…
СПАНОС
Як туда ифтихорномаи тавсифию нишон дорам…нишон, нишон, нишон…
ЛИЛИКО
Бояд чунин њам бошад. Биступанљ сол боз аз он људо намешавї.
СПАНОС
Ана, ин финљонро њо ба онљо гузор.
ЛИЛИКО
Ту чї, магар девона шудї?
СПАНОС
Биё, биё…ман онро бо дасти чапам…
ЛИЛИКО
Бас бикун…
СПАНОС
Рав, гузор онро…
ЛИЛИКО
Билкул аќлатро хӯрдаї…дигар нанӯш…маст шудї, чї?...
СПАНОС
Њеч гуна маст нестам…
ЛИЛИКО
Дигар чї тавр маст шавї…
СПАНОС
Ман нӯшида метавонам…
ЛИЛИКО
*(Ба сӯйи ӯ ќадањро дароз карда)* Пас, бинӯш! *(Спанос ќадањи ба сӯяш дарозшударо ба нишон мегирад, аммо Лилико дасташро пойин мекунад)*
СПАНОС
Онро ба ман бидењ, фариштаи ман, аз дасти ту метавон њатто замњрро бо ќаноатмандї нӯшид
ЛИЛИКО
Ту ягон касро куштаї? Њамин тавр… аз рӯйи хидмат…

СПАНОС
Шояд
ЛИЛИКО
Чӣ хел? Шояд, яъне чӣ?
СПАНОС
Худат фикр бикун…Масалан, духтур…љарроњӣ мекунад…вазифаи ӯ аз чӣ иборат аст? Њаёти мизољро њифз намудан…аммо ба њама талош нигоњ накарда, давраи баъди љарроњӣ мушкил мегузарад ва бемор мефавтад… Чӣ, магар духтур ӯро кушт?
ЛИЛИКО
Агар табиб марги он беморро хоста бошад чӣ?
СПАНОС
Њеч як табиб инро намехоњад.
ЛИЛИКО
Њеч як мегӯйӣ.
СПАНОС
Бале, њеч як. То кунун њеч як табиб огоњона беморро накуштааст, агарчӣ аз захми тир маљрӯњ шуда бошад ва ё дар садама маъюбу маслуќ…Ист… Рафту агар бемор ба духтур њуљум оварда, ќасди куштанашро бикунад…пас, шояд табиб худро муњофизат карда, ӯро кушта бошад.
ЛИЛИКО
Ту мехоњӣ, бигӯйӣ, ки агар табиб гумон барад, ки бемор ќасди куштанашро дорад ва гӯё худро њимоя карда, беморро бикушад, дар ин њељ омили ѓайритабиӣ нест.
СПАНОС
На. Духтур набояд аз гумон кор гирад. Ӯ бояд њамеша мутмаин бошад.
ЛИЛИКО
Шояд ба назари бемор чунин намояд, ки табиб ќасди куштанашро дорад.
СПАНОС
Нафањмидам?
ЛИЛИКО
Мегӯям, ки агар ба назари бемор чунин намояд, ки табиб ӯро куштанист, пешдастӣ карда, табибро кушад, чӣ?
СПАНОС
Шонси камтарин аст. Зеро њама роњи наљот ва фанноро табибон аз њама мизољон ва шањрвандон дида, хубтар медонанд.
ЛИЛИКО
Пас, маълум мегардад, ки дар њеч яке аз ин њолатњо дар мавриди љо доштани омили љиноят њољати гап њам нест. Куштор нест ин. Њамин тавр?
СПАНОС
Барои суњбат ин чӣ мавзӯест? Он дар зењни ту аз куљо пайдо шуд?
ЛИЛИКО
Њамту суњбат дорем.

СПАНОС
Суњбати «хуб». Ба љон зад. Барои мардону занон аз ин дида мавзўоти шавќовартаре њаст. Куштор…Љиноят…Сиёсат…њама ин чї рабт дорад ин љо? Агар мехоњї, донї, ки оё ман одам куштаам, гапи дигар аст. Гоњо чунин њолат ба миён омад, аммо  талоши њифзи љинояткор муяссар нагардид. Дар омади гап гўям, ки сарнавишти маслакфурўшони љомеа, ки ба рушди муътадили он монеа эљод мекунанд, бароям билкул љолиб нест. Онњо худашон роњашонро интихоб карданд ва албатта, бояд подоши сазовор бигиранд…аммо биё, њоло аз ин мавзўъ канор равем… *(Раќсиданро идома медињанд)*
ЛИЛИКО
Боз шитоб дорї.
СПАНОС
Нааа.
ЛИЛИКО
Шаби тўлонї дар пеш аст…
СПАНОС
Бале, шаб…
ЛИЛИКО
Мекалавї… бубин, боз маро наафтонї…
СПАНОС
Намеафтонам…
ЛИЛИКО
Оњ…поямро зер макун…
СПАНОС
Бубахш.
ЛИЛИКО
Озорам медињї.
СПАНОС
*(Ба оњистагї ва беозор Лиликоро ба рўйи нармкурсї мешинонад)* Ман раќсида наметавонам…дар умрам як ё ду бор раќсидаам ва ана-мана нагуфта, тамом шуд…дар тўйи худам раќсидам…чунин анъана аст…раќси тўёнаи домоду арўс… ва мо, аз рўйи ин анъана…оё ту медонї, ки агар арўс фурсат ёфта, бо пешдастї пойи домодро зер бикунад, тамоми зиндагии онњо зери фармони ў роњандозї мешавад… ва ў чунин фурсат ёфт, чаќќонї кард…Бисёр мехост сари ман фармонравої бикунад, аммо ноком шуд. Ана, исботаш. Ў фикр мекунад, ки ман дар корам, аммо ман бо ту њастам. Акнун њар шаб ба навбатдорї, ба ин љо, ба назди ту меоям…
ЛИЛИКО
Рафту воќиф шавад.
СПАНОС
Имкон надорад.
ЛИЛИКО
Ба коргоњат занг мезанад.

СПАНОС
Дар нимашаб?
ЛИЛИКО
Чаро не? Рафту дар ними шаб аҳволаш бад шавад ва ба ёрии ту зарурат дошта бошад?
СПАНОС
Мисли буқа солим аст ӯ. Ҳеч гоҳ бемор намешавад ва намемирад. Ба ӯ чунин ҳолат рух намедиҳад.
ЛИЛИКО
Писарат чӣ?
СПАНОС
Писарам чӣ?
ЛИЛИКО
Ӯ ҳама шабро дар хона мегузаронад?
СПАНОС
Оре. Вай муваззаф аст, ки ҳама шаб дар хона бошад. Мепурсӣ, ки барои чӣ?
ЛИЛИКО
Ӯ ба ту монанд аст?
СПАНОС
*(Аз ҳамён аксро бароварда, ба сӯйи ӯ дароз мекунад)* Худат бубин.
ЛИЛИКО
Чӣ қадар зебост.
СПАНОС
Хайр чӣ, ба ман монанд аст ё на?
ЛИЛИКО
Нусхаи аслат аст… аз афташ аз духтарон халосӣ надорад.
СПАНОС
Бале… ӯ яккаву ягонаи ман аст…
ЛИЛИКО
Дилбохтааст?
СПАНОС
Намедонам. Дар ин мавзӯъ мо суҳбат накардаем. Шояд ҳа ва шояд на. Мумкин маъшуқа дорад…Чаро пурсидӣ?
ЛИЛИКО
*(Аксро баргардонда)* Ба ҷавони хуб тарбиятёфта мемонад. Падари чунин ҷавон будан шояд хушоянд аст.
СПАНОС.
Оре. Бе ин намешавад… дӯстонаш ҳам хубанд…дар мактаб ҳам фаъол аст… *(Саъй мекунад ӯро бибӯсад).*
ЛИЛИКО
Рафту ӯ имшаб ба хона наояд. Ҳамсари ту чӣ мекунад?
СПАНОС
Ту ба шаҳд мемонӣ…нафисӣ басо…
ЛИЛИКО

Ман савол додам-ку…
СПАНОС
Кадом савол?
ЛИЛИКО
Чї, ту магар маро намешунавї?
СПАНОС
Мешунавам.
ЛИЛИКО
Пас, посух бидењ.
СПАНОС
Ба чї посух бидињам?
ЛИЛИКО
Агар писари ту имшаб ба хона наояд, њамсарат чї кор мекунад?
СПАНОС
Боз њамон гап…
ЛИЛИКО
Тахмин мезанем, ки наомад. Зани ту аввал ба коргоњат занг мезанад ва туро њам намеёбад. Баъд чї мешавад? Мефањмад, ки њеч гуна навбатдорї вуљуд надорад ва бадгумон мешавад… магар њамин тавр нест?
СПАНОС
Зану писари ман айни њол, инљо, ба ману ту чї лозиманд? …Њарду танњоем…аљаб рангинхаёле њастї…ман ба ту мегўям, ки… аз ту полиси хубе мебаромад…
ЛИЛИКО
Чаро?
СПАНОС
Зеро њар гуна љузъиёти ѓайримиконпазирро тахмин карда метавонї…
ЛИЛИКО
*(Садои мусиќиро баландтар мекунад)* Хуб, ин масъаларо канор мегузорем *(Тугмањои куртаи ўро мекушояд)* Тарњи бадани хуб дорї… *(Чанд ќадам дуртар рафта, ба нигоњи харидорї ба ў менигарад)* Мисли пайкара. Иљозат аст, ки ман каме чунин молиш бидињам… *(Спанос барои барљаста нишон додани мушакњои худ њолати мувофиќро мегирад)* Ана, ба он љо дароз бикаш… рў ба поён…
СПАНОС
Чаро рў ба замин?
ЛИЛИКО
*(Гўё шарм медорад)* Ман њам урён мешавам. Ба ман нигоњ накун…
СПАНОС
Магар аз ман шарм медорї?... Ман дидан мехоњам…
ЛИЛИКО
Алабатта… мебинї… баъдтар…на њозир, на дар ваќти либоскашї *(Спанос пањлу гашта, пушт сўйи ў ќарор мегирад. Духтар боэњтиёт туфанги вайро мегирад. Баръалост, ки ба он сарфањм намеравад).* Ба ман нигоњ накун…

нигоњ накун… хоњиш мекунам… *(Бо оњистагї ба сўйи њуљраи хоб гом мебардорад)* Нигоњ накун…*(Дари њуљраи хоб ногоњ боз мегардад ва Љелико дар даст туфанг пайдо мешавад. Љелико бошитоб ба тарфи магнитофон давида, мусиќиро хомўш мекунад. Спанос бо оњистагї сарашро мегардонад)*.
ЉЕЛИКО
Хез!
СПАНОС
Чї гап аст?
ЉЕЛИКО
Хез мегўям!
СПАНОС
Њоњарат аст?
ЛИЛИКО
Бале.
СПАНОС
Чї мехоњад?
ЉЕЛИКО
*(Туфангро нишон дода)* Садопахш дорад. Касе овозашро намешунавад.
СПАНОС
Ў чї ният дорад?
ЉЕЛИКО
Шояд ман мисли ту тирандози бомањорат нестам, аммо ин барои пош додани  маѓзи сари ту дар ин хона ба ман монеа шуда наметавонад. Њарчи мегўям, иљро намо!
СПАНОС
Хир, ман њеч кори баде накардаам…
ЉЕЛИКО
Мегўйї накардаї?
ЉЕЛИКО
Албатта, ки не… мо инљо танњо…
ЉЕЛИКО
Маълум мекунем… як њаракати ноњо, мурдї. Фањмидї?
СПАНОС
*(Саъй мекунад пањлу бигардад, то ўро хуб бубинад)* Ба назарам чунин менамояд, ки ин садо бароям шинос аст…
ЉЕЛИКО
Наљунб! Рў ба девор!... Рў ба девор, мегўям!... Хез!... Ќадам зан!...Ќадам зан, ба назди рўзномадон рав…Як њаракати ноњо ва ту фано шудї… Ист! Як ќадам монї, мепаронам! Акнун онро гир! Рўзномадонро ба даст гир ва онро бардор! (*Спанос дар зери он завлонаю занљир мебинад).* Ба пойњоят банд! Биљунб! Зудтар бош! *(Спанос фориѓболї нишон медињад. Бармалост, ки хез задан мехоњад. Љелико мепаронад).* Ин њамту, барои он ки донї то чї андоза ман љиддї њастам… Агар боз як бори дигар сар печї, мекушам! Акнун биё. Зуд бош! Ба поят бипўш! *(Спанос пойњояшро ба занљир мебандад).* Ќуфл!

Болояшро зер бикун ва маҳкам намо! Канӣ! Бисёр хуб! *(Лилико ба ӯ аз пушт наздик меояд. Мехоҳад ишкелро бардошта, ба ӯ бидиҳад, аммо Спанос бо ҳаракати барқосо чанг ба мӯйи вай мезанад ва даст ба гарданаш андохта, дар зери каш онро фишор медиҳад).*
СПАНОС
Шумо ақлатонро хӯрдаед! Ин чӣ кор аст? *(Љелико ба сардаргумӣ афтода, чӣ кор карданашро намедонад)* Акнун ҳоло ту маро гӯш бикун! Фикри паронданро аз сарат дур соз, вагарна ман гардани инро мешиканам. Силоҳро парто! Силоҳро парто, мегӯям! Биё, маслиҳат мекунем! *(Мебинад, ки Љелико силоҳро партофтнӣ нест)* Ман шӯхӣ намекунам!... Маро ба куштани ӯ маљбур масоз…
ЉЕЛИКО
Шуд! Мепартоям!
СПАНОС
Акнун бигӯ, ки ин ҳама чӣ маънӣ дорад? Чаро маро ба ин ҳол овардӣ?
ЉЕЛИКО
Ӯ хоҳари ман аст.
СПАНОС
Медонам. Ӯ маро ба ин љо даъват кард ва ман омадам. Ман намедонистам, ки ту дар хонаӣ. Ман ҳеч як андешаи бад надоштам… ҳамту нӯшидем…ӯ ба ман писанд аст… ҳатто ошиқам. Бале, ошиқам! Шояд ман аз ӯ каме калонсол бошам…хайр чӣ?...Магар мумкин нест? Маро аз занљир раҳо бикун. Биё, сар деҳ! Чӣ бадӣ дорад? Хоҳари ту бароям писанд аст…
ЉЕЛИКО
*(Тадриљан ба худ меояд)* Ту зан дорӣ.
СПАНОС
Ман ягона марди зандор нестам, ки бо духтари љавон робита барқарор мекунад. Занљирро раҳо кун!...
ЉЕЛИКО
Муҳофизат кардани хоҳар магар кори табиию маъмул нест?
СПАНОС
Табиист, табиист… Занљирро боз кун, мегӯям! Оромона суҳбат мекунем. Дар тараддуди талоқ додани занам ҳастам ва то људошавӣ фикри бо ӯ вохӯрдан надорам. Занљирро бикушо ва ман меравам. Биё, бикушо. Мепӯшаму меравам. Чӣ, магар забонатро фурӯ бурдаӣ? Занљиро во кун ва бимон ба саломату хубӣ биравам, вагарна гарданашро мешиканам…
ЉЕЛИКО
Намекушоям. Ҳамин тавр суҳбат мекунем.
СПАНОС
Не. Кушо. Шикастани гардани ӯ як сония фурсат аст. Инро ман метавонам.
ЉЕЛИКО
Агар ӯро озор медиҳӣ, аз ин хона зинда намебароӣ. Бо корди ошхона туро чок мекунам! *(Лилико нолиш мекунад)* Сар деҳ!
СПАНОС

*(Фишорро тадриљан кам мекунад)* Агар хоњї, ки ў амон монад, занљирро боз бикун…маро рањо бисоз… ту бояд ин корро бикунї… бояд… мешунавї?
ЉЕЛИКО
Мешунавам.
СПАНОС
Ту чї мехоњї?... ин њама занљиру ишкел чї маъно дорад?... маълум аст, ки њама аз ќабл тарњрезї гардидааст… аммо барои чї… занљирро бикушо… ба хубї људо мешавем…
ЉЕЛИКО
Хуб, во мекунам ва рањоят месозам, аммо ту дигар бо ў мулоќот намекунї.
СПАНОС
Бошад.
ЉЕЛИКО
То аз занат људо нашавї, вонамехўрї.
СПАНОС
Ќабул, то људошавї.
ЉЕЛИКО
Ќавл медињї?
СПАНОС
Ќавл медињам.
ЉЕЛИКО
Мард барин ќавл медињї?
СПАНОС
Оре.
ЉЕЛИКО
*(Оњиста аз љайбаш калиди занљирро баровварда, боэњтиёт ба Спанос дароз мекунад)* Рафту ба њуљум гузарї?
СПАНОС
На. Њуљум намекунам. Зуд меравам.
ЉЕЛИКО
Њоло мебинем.
СПАНОС
Мо рољи дигар надорем. Ту-ку марги ўро намехоњї?
ЉЕЛИКО
Албатта, намехоњам.
СПАНОС
Пас, лоилољ, бояд маро рањо бикунї… ва њамааш хотима
меёбад…агар рољи дигареро медонї, бигў…
ЉЕЛИКО
Намедонам.
СПАНОС
Њимоя кардани хоњар кори бад нест. Њатто мумкин хуб њам бошад.
Ту-ку духтари бофаросатї. Ман њам љавони бад нестам. Љињози
хонаи шуморо дида, дарёфтам, ки табъи баланд дорї. Мехостам бо

ту аз наздик ошноӣ пайдо намоям, аммо хоҳарат гуфт, ки ҳоло вақт ҳаст. Магар чунин набуд? *(Лилико бо ҳаракати чашм тасдиқ мекунад).*
ҲЕЛИКО
Мегӯйӣ ошиқаш ҳастӣ, аммо дар айни ҳол қасди куштанашро дорӣ…ба ақли солим рост намеояд…ин чӣ гуна ишқ аст?
СПАНОС
Рост меояд…бароям ҳолате рух дод, ки бояд наҷот ёбам…
ҲЕЛИКО
Дуруст. Ба ҳарфат бовар мекунам. Туро сар медиҳам, аммо аз ёд набарор, ки зан дорӣ ва агар коре шавад, ӯро ёфта, робитаи бо хоҳари ман доштаатро то хурдтарин ҷузъиёташ барои ӯ тавзеҳ медиҳам… *(Наздик мешавад ва чунин вонамуд месозад, ки гӯё калидҳоро ба Лилико доданист. Спанос ҳанӯз ҳам Лиликоро зери фишори худ медорад, аммо на чун қабл ҷасурона. Ҳелико ногаҳону ғайриинтизор ҷаҳида, Лиликоро аз таги каши ӯ як сӯ тела медиҳад. Спанос ҳаяҷонзада мешавад).* Хабис! *(Ба рӯйи ӯ туф мекунад)*. Аз ҳамин лаҳза ту асири ман ҳастӣ! Фаҳмидӣ, ношуд?! Ҳанӯз ҳам маро нашинохтаӣ? Ҳайвон!
СПАНОС
Не.
ҲЕЛИКО
Не орӣ аз суд аст. Ба ҳар ҳол бодиққат бинигар ва завқ бубар. *(Аввал парикро аз сараш мегирад, баъд айнакҳои сиёҳро)* Хайр чӣ тавр?
СПАНОС
*(Ҳайратзада)* Ҳелико!

**ПОЁНИ ҚИСМАТИ АВВАЛ**

# ОҒОЗИ ҚИСМАТИ ДУВУМ

*Дасту пойи Спанос бо занҷир баста шудаанд. Чеҳрааш пур аз харошу изи сиёҳи латукӯб аст.Ҳелико ба чашм наменамояд. Садои парвози вертолёт ба гӯш мерасад. Спанос ба худ меояд.*

СПАНОС
Ӯ куҷост?
ЛИЛИКО
Дар ҳуҷраи худаш
СПАНОС

Чї кор мекунад?
ЛИЛИКО
Намедонам.
СПАНОС
Шояд хуб медонї, ки шарики љиноят гаштї… ў чї тасмим дорад?
ЛИЛИКО
Намедонам
СПАНОС
Туро њам љалб намуд.
ЛИЛИКО
Дигар хел амал карда наметавонистам.
СПАНОС
Маро фиреб додї.
ЛИЛИКО
Кореро кардам, ки бояд мекардам.
СПАНОС
Акнун ба чашмони ман нигоњ карда наметавонї.
ЛИЛИКО
На, метавонам.
СПАНОС
Шояд дарк мекунї, ки љиноят содир кардаї.
ЛИЛИКО
Медонам.
СПАНОС
Барои чї розї шудї?
ЛИЛИКО
Зеро ту золим њастї.
СПАНОС
Ман гуноње надорам.
ЛИЛИКО
Њоло маълум мегардад.
СПАНОС
Ман муљрим нестам.
ЛИЛИКО
На ба ман, балки ба ў собит бисоз. *(Пауза)*
СПАНОС
Дар воќеъ, ў хоњари ту мешавад?
ЛИЛИКО
Магар ту бовар надорї?
СПАНОС
Ту аз њамон ибтидо ба ман дурўѓ гуфтї.
ЛИЛИКО
Вай хоњари ман аст.
СПАНОС

Боз чӣ қадар интизор мемонем?
ЛИЛИКО
Метавонам ба ин љо бихонамаш.
СПАНОС
Њоло на. Ин ки ту донишљӯ њастӣ…
ЛИЛИКО
Ман донишљӯям
СПАНОС
Шояд ин њам дурӯғ бошад… *(Лилико хомӯш мемонад. Пауза тӯл мекашад)* Гӯш фаро дењ, барои худат дарди сар эљод макун, аќлатро кор фармо ва маро рањо бикун.
ЛИЛИКО
Яъне?
СПАНОС
Ин занљирњоро аз ман бигир ва бигузор, ки равам.
ЛИЛИКО
Калид дар дасти ӯст.
СПАНОС
Ту мудаббирӣ… роњашро ёб…
ЛИЛИКО
Барои чӣ?
СПНОС
Барои он ки ман равам.
ЛИЛИКО
Агар рањоии туро мехостам, ба ин љо намеовардамат.
СПАНОС
Ба кори нолозим дахл кардаӣ… њанӯз дер нашудааст, ба худ биё… наход, ки нафањмӣ?
ЛИЛИКО
Ман њамаашро хуб мефањмам ва дигар аз чизе бим надорам. Охир, дањшаташ паси сар монд. Касе намедонад, ки ту дар ин љо њастӣ.
СПАНОС
Аммо худрави ман дар кӯча аст… њарчанд моли хусусист, аммо барои бисёрињо ошност. Бас аст, ки навбатдорони пайрањадорӣ биоянд… дарњол онро мешиносанд.
ЛИЛИКО
Худравро шинохтанд, баъд чӣ?
СПАНОС
Баъд он ки худрави ман дар канори шањр чӣ кор мекунад…таваљљуњро љалб месозад…маро интизор хоњанд шуд…чун намеоям, ба љустуљӯ мебароянд…њар як хонаву гӯшаро хоњанд кофт…ва билохира, маро дар ин љо хоњанд ёфт…тасаввур мекунӣ, ки баъд чӣ мешавад? Ояндаи ту ба боди фано меравад…хайр, биё, маро сар дењ…ман меравам…

ЛИЛИКО
Не. Ин бозї арзиши шамъфурўзонї дорад. Бо ту њисобро баробар бояд кард.
СПАНОС
Нархи сабзию пиёзро напурсида, як бегунoњро ба азият кашидан мaљбур месозї…
ЛИЛИКО
Агар эњсоси њеч гунoње намекунї, пас, чаро ин ќадар њаяљонзадаї?
СПАНОС
Хоњари ту одами солим нест…рўњан…мафкураи васвосї дорад…дар зењнаш љо кардааст, ки ман омили бадбахтиаш њастам ва тамом…наљот нест…
ЛИЛИКО
На, њаст. Исбот бояд кард, ки бегунoњї.
СПАНОС
Охир, ман њеч гунoње надорам! *(Дари њуљраи хоб беовоз боз мешавад ва Љелико мебарояд, аммо Спанос ѓофил мемонад)* Савганд мехўрам, ки гунoње надорам!
ЉЕЛИКО
Билохира, ба худ омадї!...Ин хуб аст! …Ман ниёз ба он дорам, ки ту бар худ мусаллат бошї ва ба саволњо њушмандона љавоб бигўйї, дарк намої, ки њадаф чист…
СПАНОС
Бубин…Љелико… маро рањо бикун… ќасам мехўрам, ки дарњол баромада меравам ва њеч кас, њеч гоњ аз он чї дар ин љо ба вуќўъ пайваст, воќиф нахоњад шуд…
ЉЕЛИКО
Баъд?
СПАНОС
Ман њам њамаашро аз хотирам зудуда месозам…ин иштибоњ аст…
ЉЕЛИКО
Иштибоњ?
СПАНОС
Фаромўш бояд кард. Чизњое њастанд, ки онњоро аз ёд бояд бурд. Ба хотири худамон, ба хотири њама муќаддасот…мо вазифдорем инро анљом бидињем…Оташи зуѓоли хомўшшудаистодаро бод додан нашояд…бењуда аст ин…Маро сар дењ…савганд мехўрам, ки зуд аз ин љо меравам…меравам ва њамаончи ин љо рух дод, фаромўш мекунам…розї шав…
ЉЕЛИКО
Бо чунин суњулату содагї?
СПАНОС
Албатта…тањњо калиди ин занљирро сўйи ман њаво додан лозим, тамом…
ЉЕЛИКО
Наход?...Чаро партоб бикунам?... Худам метавонам онро боз бикунам *(Ба Спанос наздик гардида, чунин вонамуд месозад, ки тасмими во кардани ќуфли*

*занљирро дорад, аммо дар лањзаи охир ќулоч кашида, моеъи истаконро, ки њама ин лањза дар дасташ нигоњ медошт, бошаст ба рўйи ў мепошад)* Љавоб мегўйї , саг! Њимоя хоњї кард!
СПАНОС
Чї тавр?
ЉЕЛИКО
Ту дар ваќташ ба ман чунин имконият надодї, мебинї, ман медињам…
СПАНОС
Инро аз куљо дар сар парвардї?
ЉЕЛИКО
Охир, ту њам он рўзгорон дар сар парвардї, ки ман гунањгорам…
СПАНОС
Дар нињояти кор туро сафед карданд, љавоб доданд…ман њоло чї шонс дорам?
ЛИЛИКО
Њимоя бикун ва собит бисоз, ки њама он чї содир кардї, бо айбу гуноњи ту набуд…
ЉЕЛИКО
*(Ба лабони ў сигори даргиронро наздик мекунад)* Дуд мон…Мехоњї?...Ту худ кї њастї, ки дар њузури ман сигор дуд монї?...Он ваќт чунин гуфта будї…Њамин тавр? Ин њарфњои туст. Ту худат кї њастї, ки дар назди ман сигор мекашї? Чунин буд? Сухани туст?
ЛИЛИКО
Хоњар!
ЉЕЛИКО
Чароѓро хомўш бикун! Ба саволњои ман кўтоњу фањмо љавоб мегўйї! Фањмо?...Ном?...Номатро мепурсам…
СПАНОС
Худат медонї.
ЉЕЛИКО
Ту њам он ваќт номи маро медонистї. Номат? Посух дењ!
СПАНОС
Спанос
ЉЕЛИКО
Синну сол?
СПАНОС
Ту чї мехоњї?
ЉЕЛИКО
Бас кун ва ба саволњо љавоб дењ! Синну сол!
СПАНОС
Чилупанљ.
ЉЕЛИКО
Вазъи оилавї?
СПАНОС

Оиладор.
ЉЕЛИКО
Фарзандон?
СПАНОС
Якто. Писар.
ЉЕЛИКО
Чанд сол дорад?
СПАНОС
Бистуду.
ЉЕЛИКО
Шуѓлаш?
Мехонад. Донишљў аст.
ЉЕЛИКО
Падару модар?
СПАНОС
Фавтидаанд.
ЉЕЛИКО
Падарат чикора буд?
СПАНОС
Кифоя.
ЉЕЛИКО
Падар чї касб дошт?
СПАНОС
Дар коргоњи нонпазї коргар буд.
ЉЕЛИКО
Модарат чї?
СПАНОС
Хонашин.
ЉЕЛИКО
Кадоме аз онњо аввал мурд?
СПАНОС
Ин ба ин љо чї рабт дорад?
ЉЕЛИКО
Бе саволи зиёдатї. Љавоб дењ.
СПАНОС
Аљаб бозие роњандозї кардї…
ЉЕЛИКО
Фикр мекнам, ки ту ба умќи масъалаи бамиёномда њоло сарфањм нарафтаї…
СПАНОС
Саволњои аблањона медињї… кадоме аввал мурдааст, чї ањамият дорад…
ЉЕЛИКО

Ту њам дар мавриди ман њамаро медонистї, аммо бехобу роњат, бетаваќќуфу нафасросткунї, бе обу ѓизо, шабу рўз бо чунин саволњои ањмаќонаат љонамро ба лабам расонда будї…
СПАНОС
Он парванда ањамияти давлатї дошт…
ЉЕЛИКО
Фикр мекунам, ки ин парванда ањамияти бештаре дорад…гузашта аз ин, љаллод ва ќурбонї љойњои худро иваз кардааанд…Ку бигў, шурўъ мекунем?
СПАНОС
Чиро шурўъ мекунем?
ЉЕЛИКО
Њафт сол ќабл, як микроавтобуси пур аз полис биноеро, ки мо дар он истиќомат мекардем, дарињотаи худ гирифтанд. Он њангом, ки як гурўњ дар кўча истењком гирифтанд, гурўњи дувум иборат аз се нафар ба бино даромада, бо дасту по ба дари њуљраи зербино зада, талаб мекарданд, ки онро во намоянд…
СПАНОС
Мо аввал аз тугмаи садо истифода бурдем, аммо он кор намекард…
ЉЕЛИКО
Зани солрафта дарро ба рўйи шумо боз кард ва шумо дар даст автомату туфанг ба дарун даромадед…
СПАНОС
Тадбири одитарини њимоя…
ЉЕЛИКО
Дам ист!
СПАНОС
Мо ба амалиёт бо дастагули садбарг рафта наметавонистем…
ЉЕЛИКО
Даматро гир, мегўям!
СПАНОС
Моро гунањгор нашумор…
ЉЕЛИКО
Намешуморам… њоло танњо мехоњам, ки он манзараро тасвир намоям… автомат буд ё не?
СПАНОС
Њамааш аз рўйи ќоидаву ќонун буд.
ЉЕЛИКО
Зани солхўрда аз тарсу бим наздик монда буд, љон аз ќолаб тињї бикунад.
СПАНОС
Танњо солхўрдањо наметарсанд…њама њарос дорад… мо њам тарс доштем, зеро намедонистем, ки моро дар дохил чї интизор аст…
ЉЕЛИКО
Хонаи басо хурдакак буд…дањлез ва њуљраи танг.. зерхона…аз тирезањои он танњо пойњои одамони роњгузар ба чашм мерасид…мо дар таги замин

зиндагї мекардем…кулбаи тангу тор…яке аз шумо дар ошхона њамаро зеру забун кард… дигараш кўрпачањоро чок карду аз њам рехт …сеюмї аз мабраз духтарчаи аз тарс пинњоншударо кашолакунон баровард… ту мўйњои ўро ба чангат гирифта, бо ин дастони ифлосат ба рўяш шаллоќ задї…
СПАНОС
Не, танњо аз гўшаш кашидам…
ЉЕЛИКО
Задї! Чунон задї, ки…аз чашмонаш шарора парид… он духтарча ман будам…
СПАНОС
Ман чанд шаб пайдарпай нахобидам… навбатдорињову амалиёти бешумор…ту бо чунон садои ѓайритабиї дод мезадї, ки аъсоби касе онро тањаммул карда наметавонист…
ЉЕЛИКО
Тифлро задї…
СПАНОС
Ба њамааш яктарафа нигаристан нашояд…ман њоло баъзе аз тафсилоти онро пай бурдам…бале, духтарчаи гирёро оварданд… ман саъй кардам, ки ўро ором созам…сарашро сила кардам…бошад…. ту бошї… вай чї кард, яъне ту?...ќарс, рост  ба рўям тўф кардї…
ЉЕЛИКО
Барои чї?...Зеро ќулоч кушода, бо тамоми ќувва задї…Баъд ба ошхона рафтї, баргаштї ва аз ќабл дида, ин дафъа бошиддатар задї…
СПАНОС
Ба ошхона рафтам, то туфро шўям, аммо об набуд…бо дастмол тоза кардам, вале шустан лозим буд…нашуста, наметавонистам ба худ биоям…пас гашта, боз шоњиди фарёдзании нолаолуди духтарча шудам…
ЉЕЛИКО
Ман аз ибтидо дарк кардам, ки вазъ аз шумори авзоест, ки аз ихтиёр берун мешаванд…Аз сари сањар дар мањал одамони мусаллањи либоси низомипўш пайдо шуданд… одмон бим мебурданд, ки аз тиреза ба берун нигоњ кунанд…Баъд шумо зада даромадед ва ба латукўби ману дигарон сар кардед…
ЛИЛИКО
«Гап зан! Гап зан! Гап зан!» бидуни хастагї такрор мекардї ту… «Ёрї дињед, духтарчаамро мекушанд!» фарёд мезад модарам…
ЉЕЛИКО
Ўро маљбур сохтанд, ки хомўш шавад…њамту дањонашро бастанд…замони ноором буд…касе наметавонист, ба каси дигар ёрї дињад… «Гап зан! Гап зан! Гап зан!»…чї гап  гуфтан дорам?! Чаро дањони модарамро бастанд? Хоњарам чаро фиѓон мекашад?...Барои чї љињозро мешикананд ва либосњоро медароранд? Чаро сањфањои аз миёни китобњо дарондашуда дар њавои хона ба њар сў пош мехўранд?...ман ба чизе сарфањм намерафтам… «Чаро дар хона ин ќадат китоб аст?», «Китоб дар мавриди ѓизои солим ва болаззат чї китоб аст», «Ба китоби телефонњо чї зарурат, модоме ки дар хона

телефон нест?», «Чаро ин сурат дар ин љо овезон аст?», «Гап зан! Гап зан! Гап зан!»… Чї гўям? Чизеро намедонам…
СПАНОС
Суроѓаи рафиќатро мегуфтї…
ЉЕЛИКО
Охир, онњо ба дењаи худ рафта буданд…Инсон барин мепурсидед, шояд мегуфтам…аммо мисли њайвон њуљум кардед… бо мушту лагад…бо силоњ…кї мехоњад дўсташро ба дасти чунин вањшињо дињад?...
СПАНОС
То охир истодагарї кардї… мегуфтию халос мешудї…ин њама рух намедод…
ЉЕЛИКО
Ба дастонам завлона задед ва аз гиребонам кашолакунон аз хона баровардед… он гоњ ки њамсояњо аз пушти пардањо тарсидаю ларзида нигоњ мекарданд, ба мошини полис бор кардед… Баъд даќиќањо, соатњо, рўзњо ва њафтањои азобу уќубати љањаннам сар шуд…Ваќт таваќќуф намуд…Садои куфтани зарбчўб ба сар, кифт, пушт…овози шикастани занахдон аз зарби мушти ќавї…тадриљан эњсоси дард гум мешавад ва худро чун халтаи пур аз лашулуш њис мекунї… «Барои њамхобагї чї хел аст?»… «Дар як рўз чанд маротиба?»… «То нагўяд, оромаш намегузорам!»… «Мегўйї, ё боз хам мешавї?»… Њайвон! Туро куштан кам аст! *(Љелико ихтиёрро аз даст дода, ба Спанос дармеафтад. Ў саъй мекунад, ки аз худ њимоят намояд. Миёни онњо амали монанд ба задухурд сурат мегирад. Спанос мекўшад, ки ўро зери по кунад ва ин лањза Лилико туфангро гирифта, ба сари Спанос мезанад. Спанос меафтад. Лилико хоњарашро канор мекашад)*
СПАНОС
Барои чї?...Чаро муќовимат нишон додї?...Барои чї нагуфтї?...Бояд мегуфтї…шояд ин њама рух намедод…ун одам дупула арзиш надошт…
ЉЕЛИКО
Не. Вай фарди љасур, бофањм, арзишманд ва зарурї буд! Ба дигарон низ шарафмандона зистанро меомухт. Маро њам!... *(Бо эњсоси баланд)* Ман ўро дўст медоштам…вайро дўст надоштан мумкин набуд… Хуб буд…мушфиќу ѓамгусор буд…мутмаин буд, ки он рўз фаро мерасад ва њама чиз таѓйир меёбад…зиндагї бењтар мешавад, одамон мењрубонтар мегарданд…Баъд…дар як рўзи зебо ба селули ман фардеро партофтанд, ки ба хун оѓушта буд… аз зарби мушту лагад ба њам мепечид…пораи гўшту устухон… ин вай буд…њазён мегуфт, забонаш мегирифт… касеро намешинохт…баъд вайро ба куљое бурданд ва бозпас дар њолати бадтар аз пештар оварданд…дар маљмўъ шумо барои ман манзараи љањаннамсони мушоњидаи фанои фариштаро эљод кардед… ва баъд… гўё як кори маъмул бошад, хабари даст ба худкушї задани вайро овардед…
СПАНОС
Худро аз тиреза ба берун партофт…
ЉЕЛИКО
Њамоќат! Чунин инсон даст ба худкушї намезанад!

СПАНОС
Аз дасти мо худро рањо кард ва аз тиреза ба берун љаст…
ЉЕЛИКО
Ман бояд бо дирафши пойафзордўзї чашмонатро дўзам ва забонатро аз њалќат берун биёрам…ва ё бо арраи кунд узви таносулатро бурам…Дар кўдакї бибиям барои ман афсона мегуфт ва дар онњо некї бар бадї њамеша пирўз меомад*…(Пауза)* Баъд коѓазњоро назди ман гузоштанд… Имзо бикун… аммо ман имзо накардам… ман касеро накуштаам ва ба њеч созмони махфию пинњонкор алоќаманд нестам… амали хилофи ќонун содир накардаам… Дар як рўз чанд маротиба маро урён мекарданд…лублучи модарзод… њама чиз, даст, шиша, зарбчўбро ба ман ворид месохтанд…баданам гўё ду ќисмат мешуд…
СПАНОС
Касе чизеро ба ту ворид намекард… чашмонат баста буд ва ин ба назарат менамуд…
ЉЕЛИКО
Дилам мешўрид… бехуд мешудам…дар саргањи марг ќарор доштам…
СПАНОС
Табиб њозир буд, наздат меистод..
ЉЕЛИКО
Бале, ба њуш меовард, то њама аз нав оѓоз ёбад…занахдонамро чун ба њам овард, садои ѓиљироси дандонњоямро шунидам… њамаи вуљудам дард мекард, месўхт…баъд модарамро ба назди ман оварданд…ќоматхамида, афсурдањолу бечораву хаста, гўё нусхаи хурдкардашдаи модари ман…пиршуда, фарсуда ва латкубхўрда…ба чизе сарфањм намерафт ва аз тарс ангуштонашро мушт карда буд… Дарандањо…бо чї кардед?... *(Пауза)* Ман намедонистам, ки кадом рўз, кадом соат аст…њама дарњам-барњам гашта буд…бўйи хуну гўшти сўхта фазоро мутааффин месохт…шумо ангушт ба бинї халонда, баъд ворид мешудед…дили ман мешўрид…ва ман дар мавриди ташкилотњои махфї тасаввур мекардам… дар devори чизе мисли «Нест бод њукмати низомї!» менавиштам, зери минбари Патакос бомб мегузоштам ва дигар кушокушињо…дар зењнам рўзномањои ватандорї сохта, онњоро мунташир мекардам…
ЛИЛИКО
Бас аст. Худро ба дастат бигир…
ЉЕЛИКО
Баъд, ногањон муфаттиши нав пайдо шуд…бо дањони пур аз об ба исбот пардохт, ки њама он чи то кунун гуфтам, дурўѓанд…њамаш аз нав оѓоз ёфт…латукўб, азобу уќубат…дањшат…ба ваќти яке аз чунин азиятњо гирењи чашмонам андаке бењо шуд ва ман туро дидам….дидам туро… Спанос, ман туро дидам!... аммо њамон лањза шумо боз онро ба љойи аввалааш баргардондед…
СПАНОС
Илољи дигар надоштем.

ЉЕЛИКО
Аммо фаромўш накардам…дар фурсати як мижа ба њам задан ман ба ту нигаристам ва дигар њеч гоњ нигоњи туро аз зењнам дур накардам…Баъд маро ба селул (камера) партофта, як муддат ором гузоштед…Сипас одамони хилъати сафедпўш пайдо шуданд…ким чи хел тазрийќ гузаронданд, ман мегиристам, аммо бидуни оби дида…дигар ашкам намонда буд…тамом шуд њама… «Натарс» мегуфтанд он одамон… «њамааш хотима ёфт»… «Дигар коре намешавад»… њамаш ба поён расид… *(Пуза)* Маро бегуноњ эътироф карданд… Баъд аз ин бемористон ба он бемористон партофтан оѓоз ёфт…ва маро дар њама љо нигоњи ту таъќиб мекард… њамин чашмон…натавонистам онњоро фаромўш созам…Рехтани мўйи сарам шурўъ шуд… шабњо дањшат фароям мегирифт ва ќањрамони хобњои пуртањлукаи ман ту будї…бим доштам, ки либос баровarда, ба саршўйи дароям…либосам ба баданам мечаспид ва љо-љо ба доѓњои сиёњи сўхта мемонд…аммо аз чашмони ту ба љое фирор карда наметавонистам… аз бими нигоњи ту њатто њайзам гум шуд… нишастану хестан наметавонистам… куштани ту роњи табиї ва аз њама осонтарин ба назарам омад…фикр кардам, омодагї дидам, ба тарозуи аќл баркашидам…ана, акунун ту дар дасти манї…бо гузашти њафт сол, аммо дар дасти ман њастї…
СПАНОС
Ту ба њамааш аз як зовия менигарї…
ЛИЛИКО
Ту аз зовияи дигар тавзењ бидењ…
СПАНОС
Муътаќид нестам, ки шунида мешавам…Охир, ў њељ раддияро тањаммул надорад… Њафт сол ќабл маро ба њади нињоят ва бидуни бозгашт мањкум кард… Чї тавр ман њукми њафтсолаи вайро дар як шаб таѓйир медињам?...Намедонам… Ибтидо бояд ин њамаро ба оѓоз бурд…Ба вазъияти то соли њазору нуњсаду њафтодуњафти кишвар мебояд нигоњ кард…Чї буд? Корпартої, корпартої, корпартої…. Дар мактабњо, фабрикањо, заводњо, идорањои мухталиф… дар њамаљо корпартої ва бетартибї…баромадњои донишљуён… касе ба дарс њозир намешуд. Њама ба кўчањо рехта, танњо саргарми созмондињии гирдињамойї, љанг байнихудї ва бо намояндагони давлатии њифзи тартибот буданд. Кор аз кор гузашта буд…бояд коре мешуд ва њаммаслакони мо зимои идоракуниро ба дасти худ гирифтанд…дарњол њамагуна корпартої хотима ёфт, дарсњо оѓоз гардиданд, бетартибињо ва љангњои кўчагї ба поён расиданд. Заводњою фабрикањо аз нав ба кор даромаданд… Халќ тадриљан ба худ омад…
ЉЕЛИКО
Бас!
ЛИЛИКО
Имкон дењ, бигўяд.
ЉЕЛИКО
Бигузор, гўяд, аммо ба таври фишурда.

СПАНОС
Кӯтоњи гап…баъди ба сари ќудрат омадан, фавран ба мо хабар расид, ки зери номи «Фронти халќї» созмони муќовимат таъсис ёфтааст. Дар рӯйхат номи ту ва дӯстони ту низ буд… Гуфта мешуд, ки шумо аъзои «ЭДА» ва «Иттињоди ламбракистњои љавон» њастед… Њамин хел ба мо супориш дода шуд, ки шуморо ба њабс бигирем…Тамом.
ЉЕЛИКО
Охир, «Эда» ва «Иттињоди ламбракистњои љавон» њизбњои расмї ва аз тарафи маќомоти дахлдори давлатї расман эътирофгашта буданд. Чаро узви онњо будан барои мо номумкин будааст?
СПАНОС
Инро ман дониста  наметавонистам. Мо фармон гирифтем ва муваззаф будем, ки онро иљро намоем.
ЉЕЛИКО
Аз ман мехоњї, ки туро бифањмам?
СПАНОС
Итминон дорам, ки намефањмї, зеро намехоњї. Аммо худро дар љойи ман тасаввур намо.
ЉЕЛИКО
Яъне мехоњї бигӯйї, ки њеч гуноње надорї?
СПАНОС
Муродам ин аст, ки мо њам инсонем ва мо њам эњсосоту эътиќодоти худро дорем…аммо зери ќувваи касбе, ки дорем, гоњо лозим меояд кореро анљом бидињем, ки фармонашро ба тасвиб расидааст…на кам ва на беш, мањз ончи фармон таќозо дорад…
ЉЕЛИКО
Ана, туро бо писарат доштанд…кашолакунон мебаранд…маљрућ месозанд…поймол мекунанд… баъд озод карда, мегӯянд, ки фармонро иљро карданд…
СПАНОС
Ман намегӯям, ки ту мутлаќо њаќ нестї…
ЉЕЛИКО
Ба њар сурат љое њаќ њастам…гап њамин… бозии калон оғоз меёбад… ва медонї кї занги маро интизор аст?
СПАНОС
Кї?
ЉЕЛИКО
Як рафиќ, навбатдори дари њуљрае, писарбачаи даступойбаста дар онљост…
СПАНОС
Кадом бача?
ЉЕЛИКО
Дар дунё аз њама азизтар њаст бароят…дурдонаат…
СПАНОС

Писарам! Ӯ ин љо чї рабт дорад? Охир, вай ба њама ин њељ муносибате надорад!... Билкул бегунoњ аст!...
ЉЕЛИКО
Яъне ту гунoње дорї?
СПАНОС
Вале на ӯ! Бегунoњ аст! Муљрим нест!
ЉЕЛИКО
Ту бењтараш ба саволи ман љавоб бидењ.
СПАНОС
Њар коре мехоњед, бо ман бикунед, аммо ба вай кордор нашавед. Гунoње надорад!
ЉЕЛИКО
Разил!
СПАНОС
Лаънат бар шумо*!...(Саъй мекунад худро озод созад)* Бар ту ва ба њама њамсонњоят!
ЉЕЛИКО
Давомаш
СПАНОС
Ман манфиати давлатро њимоя кардам!... *(Нарм гашта)* Шуморо бо василањои дуруѓ аз роњи рост зада, ба афкори љинояткорона љалб намуданд…
ЉЕЛИКО
Ду пула гап! Билохира, сафед карданд? Маро сафед карданд! Њеч як гунoњ наёфтанд! Њељ љиноят…
СПАНОС
Ин корро макун!... Ту аз онњо нестї…Рабудани кӯдак чї зарурат дорад…
ЉЕЛИКО
Тахмин мезанем, ки воќеан њам, ман љинояткор, яке аз фаъолони муќовимат будам.
СПАНОС
Чаро писарамро?
ЉЕЛИКО
Ту маро гӯш намекунї.
СПАНОС
Гӯш мекунам, мешунавам…
ЉЕЛИКО
Мегӯям, рафту дар њаќиќат њам ман узви «Фронти халќї» мебудам, мефањмї?
СПАНОС
Мефањмам.
ЉЕЛИКО
Ба уњдаат чист?
СПАНОС

Яъне?
ЉЕЛИКО
Барои чї давлат ба ту пул медињад? Бигў! Ту чї, њатто уњдадории худро намедонї?
СПАНОС
Медонам.
ЉЕЛИКО
Пас, гап зан!
СПАНОС
Уњдадорињо…ман уњдадорам, ки …уњдадорињои ман… ман уњдадорам, ки тартиботи љамъиятї ва давлатиро муњофизат кунам…
ЛИЛИКО
Аммо чї сон? Бо роњи шањрвандонро азият додану шиканља кардан? Агар чунин мебуд, одамон кайњо дар ѓазаб мегардиданд ва миллатпарастї сарнагун намегардид…
СПАНОС
Аммо ман вазифдорам, ки ќонунро риоя кунам…
ЛИЛИКО
Дар ќонун гуфта шудааст, ки одамонро азобу уќубат дињед? Метавонї њатто як чунин ќонунро ба ман нишон бидињї?
СПАНОС
Нафањмидам…
ЉЕЛИКО
Ту њамаро бисёр хуб фањмидї, аммо гуфтан намехоњї…
СПАНОС
Охир, писарам…
ЉЕЛИКО
Чунин ќонун њаст ё нест?
СПАНОС
Нест… аммо аз собиќ корњо ба њамин шакл сурат мегирифтанд…
ЛИЛИКО
Ин далели бегуноњї нест. Вазифаи ту ба дасти додгустар супурдани айбдоршаванда аст… ва тамом! Бо њамин бояд уњдадорињои ту хотима ёбанд… ту бошї, чї кор кардї?
ЉЕЛИКО
Ту њамаи ќонунњоро хароб сохтї…
СПАНОС
Писарам гуноњ надорад…ў саргарми дарсњои худаш аст… ба коре олуда нест.
ЉЕЛИКО
Ба коре дахл накардан- ин њам дар асли худ љиноят аст, ё не?
СПАНОС
Шумо вайро аз куљо дастгир кардед? Чї тавр?...
ЉЕЛИКО

Ба фикрам ман ба ту савол додам….
СПАНОС
Вай њанўз наврас аст…
ЉЕЛИКО
Наход? Ман наврас набудам? Охир ман њам ба зистану дўст доштану дўстдошта будан њаќ доштам?...Хубињои зиндагиро бигираму бо онњо нишот варзам…аммо не, ту андешаи зан будани маро аз решааш гирифта, партофтї… *(ба ошхона мегузарад)*
СПАНОС
Шумо ўро ба куљо бурдед?... Шояд кўки чашми модараш аз интизорї канд…вайро дар чї гунањгор медонед?...Шумо-ку ўро муддати тўлонї нигоњ намедоред? Рањояш мекунед?... Охир, гап зан, гап зан…
ЉЕЛИКО
*(Бо расани дарњампечида пайдо мешавад)* Шояд фањмида бошї, ки ин расан (сими барќ) ба мо барои чї лозим аст… ту дар ин корњо мањорат дорї-ку?!
СПАНОС
Писарамро озод кунед!... Ў бегуноњ аст!..
ЉЕЛИКО
Љавони ман њам бегуноњ буд… модарам њам…
СПАНОС
Мо ба модари ту њатто ангушт нарасондем…ёва мегўйї…
ЉЕЛИКО
Ў бештар аз њама љабр дид. Чаро? Зеро маро дар њамон њолат ба ў нишон додед…
СПАНОС
Охир, ў хоњиш намуд… зора кард…
ЉЕЛИКО
Пораи гўшту устухон… охир, ман на хеста метавонистам ва на роњ рафтан… мисли латта дар як гўша бењушу беёд будам…
СПАНОС
Њамагї барои панљ даќиќа хоњиш кард… то туро бубинад…ман наметавонистам рад бикунам…
ЉЕЛИКО
Ин сангинтарин азият буд, ки барои ў эљод кардед…Ту ба њељ ваљх худро дар љойи ў тасаввур карда наметавонистї…
СПАНОС
Њарфат њаќиќат надорад…мо њам аз њиссиёти инсонї…виљдон холї нестем…
ЉЕЛИКО
Худои ман!... Худои ман! Ў дар мавриди њиссиёти инсонї гап мезанад… доир ба виљдон… ту як бор ба худат нигоњ бикун…ба дастони худ…василањои азобу шиканља…азобе, ки аз шиддати дарди тањаммулнопазир одамонро маљбур месозад, ки доду фиѓон бардоранд…ќурбонињое, ки баданашон аз

таъсири оби лъўшомада аз њам мерезад…акнун бо ту њамин гуна муомила хоњем кард…
СПАНОС
Не! Шумо чунин кор намекунед!
ЉЕЛИКО
Барои чї? Пас, чї тавр ќасд бигирем?
СПАНОС
Ќасд! Ќасд! Ќасд!...
ЉЕЛИКО
Оре, ќасд…баъд модарам фавтид…ба таври ногањонї…ончи дид, тањаммул карда натавонист…дилаш бардошт накард…ўро ту куштї!... Ќотил!
СПАНОС
Писарам муќассир нест!
ЉЕЛИКО
Муќассир нест мегўйї?
СПАНОС
Савганд мехўрам! Ў њатто намедонад, ки ту кистї…
ЉЕЛИКО
Ман њам он ваќт намедонистам, ки ту кї мешавї
СПАНОС
Вай дар њаёташ ягон кори нољо накардааст… њатто мўрро озор намедињад…
ЉЕЛИКО
Ман њам…
СПАНОС
Наход барои њамин гунањгор бошад, ки писари ман аст…
ЉЕЛИКО
Магар ин басанда нест?
СПАНОС
Охир, волидайнро интихоб намекунанд…
ЉЕЛИКО
Яъне мехоњї, бигўйї, ки агар писари ту имкони интихоби падари худро медошт, њаргиз ту барин разилро падар намехонд? Ё шояд дар мавриди он њарф занем, ки имкон дорад ў писари ту нест? Аммо набояд аз мавзўи асосї канор равем…
СПАНОС
Гўш кун…
ЉЕЛИКО
Сифоти марбут ба иродаву футуввату љавонмардї барои истиќболи сарбаландонаи марг ёрї медињанд. Одамони беирода бо шармандагї фано мeёбанд. Масалан, ту, то замони дар асорат будани писаратро намедонистї, ба таври шоиста истодагарї кардї, њоло бошад…
СПАНОС

Охир, туро њам модар зоидааст...наметавонї то ин њад берањм бошї...Бидуни омилу сабаб ба ман дар ќањр шудаї...Аммо илтиљои падарро дар мавриди озод кардани писар нашояд шармандагї хонд... Бо ман њар коре мехоњї бикун, аммо вайро љавоб дењ...
ЉЕЛИКО
На! Ў бояд бегунoњиашро собит созад. Ман њоло вайро истинтоќ накардаам...
СПАНОС
Чї гуна истинтоќ?
ЉЕЛИКО
Ин њама њоло тафтишоти пешакї аст... њамранг бо усули кори шумо... бо услуби шумо кор мекунем...
СПАНОС
Ту чунин нахоњї кард.
ЉЕЛИКО
Мекунам! Баъдтар мебинї.
СПАНОС
Вай њељ гунoње надорад.
ЉЕЛИКО
Худат гуфтї, ки вай ба њеч коре дахолат накардааст. Њамин кифоя.
СПАНОС
Њазорњо, миллионњо, чунин рафтор мекунанд...дар гўшае нишаста, интизор мемонанд...чї, њама онњоро мањкум бояд кард?
ЉЕЛИКО
Чаро садди роњи ту нашуд?
СПАНОС
Ў рољеъ ба ман њамин ќадар медонад, ки дар бехатарї кор мекунам...аз куљо донад, ки дар он љо ба чї кор машѓулам... Рањояш кунед...Тоќат намекунад...
ЉЕЛИКО
Ту мисли спартанњо бояд ўро ќавию неруманд тарбия мекардї...то азобу шиканљаро тањаммул карда метавонист *(Аз кўча тармими ќадамзании бонизоми ќисми њарбї шунида мешавад. Љелико асабиёна ќадам зада магнитофонро фаъол месозад).* Ман на касби ту, балки шахсан худатро мањкум мекунам. Панайотро ёд дорї? Чашмони кабуди осмонї дошт ...ва ришашро њам хуб тамиз карда буд...Ман борњо мешунидам, ки ба ту мегуфт «Спанос, лозим нест!», «Чунин накун!».... Чаро ту мисли ў нашудї? Чаро ба шиканља додан љазмманди гаштї? Чї миёни ту ва ў баръало тафовут мегузошт?
СПАНОС
Фикр накардам, намедонам...*(Телефон дурудароз занг мезанад ва билохира хомўш мегардад).*
ЉЕЛИКО
Барои чї ту чунин њастї, Пайонот бошад не?

СПАНОС
Пайонотро аз кор сабукдӯш карданд…Муддати тӯлонї дар дармонгоњи беморињои рӯњї хобид…бе љойи кор монд…
ЉЕЛИКО
Зеро бовиљдону бошараф буд.
СПАНОС
Падари ман корманди ќатории коргоњи нонпазї буд…Тамоми њаёт бо оташ даступанља нарм мекард…сарпӯши зарфи нонпазиро мекушод, ба он хамир мепартофт, зуд онро мепӯшид, ба оташ њезум њаво медод, бо дастмол араќи шоридаи сару гарданашро пок мекард, аз нав сарпӯшро мегирифт…Тамоми њаёт њамин њолро дошт…
ЉЕЛИКО
Кораш њамин буд…
СПАНОС
Ман дањ сол доштам, ки падарам маро ба коргоњ бурд ва хост њунари нонпазиро ба ман омӯзонад… бачањо дар сањни бино саргарми туббозї буданд, ман бошам, бо сару рӯйи араќшор бо оташу хамир  бархурд доштам, саъй мекардам, ки ба падарам кумак бикунам…барои  ин музд мегирифтам…барои њар њафтаи корї…баъдњо дарёфтам, ки ин маблаѓро на сардори коргоњ, балки падарам аз љайби худаш ба ман медодааст… аммо аљибаш он буд, ки ӯ ин пулро баъдан бозпас мегирифт…таътилњо бо чунин минвол паси сар мешуданд…
ЉЕЛИКО
Аммо ба ту њунар ёд дод.
СПАНОС
Ва зимистонњо њам, дар ваќти фориѓ аз дарсњо маро маљбур мекарданд, ки ин корро анљом бидињам ва ман њар рӯз китобу дафтар дар даст ба он љо давида мерафтам…дањ соли дароз…Соле, ки литсеёро хатм кардам, падарам фавтид…ману модарам мондем…Худоро шукр, ки хонаи худро доштем. Дар мавриди идомаи тањсил њољати гап набуд. Бояд коре карда, нон меёфтам… сарвари коргоњи нонпазї маро ба кор даъват карда, ишѓоли љойи падарамро пешнињод намуд…
ЉЕЛИКО
Ана, дидї?
СПАНОС
Ман њам мисли падарам тамоми њаёт бояд дар назди оташ араќ мерехтам, ва билохира, љон ба Њаќ таслим мекардам… илољи дигар надоштам, аммо ин љо тасодуф ба амал омад…Комиссаре буд, ки ман њамеша барои вай нонњои хуб пухташударо људо карда, мемондам…тадриљан миёни мо муколлама сурат гирифт…ӯ донист, ки ман кори худро дӯст намедорам…ба ман таваљљӯњ зоњир намуд ва ба назди худ, ба полис, ба кор гирифт…
ЉЕЛИКО
Ва писари корманди ќаторї ба муќобили њамќавмњои худ мили силоњро рост кард…

СПАНОС
Ман наметавонистам аз нав ба нонпазхона баргардам…наметавонистам, васаллом…хоњї ќабул намо, нахоњї, не…њар коре мехоњї, бо ман анљом бидењ…
ЉЕЛИКО
Ту мехоњї, бигўйї, ки азобу шиканља додани мањбусон аз истодан дар назди оташ ва барои мардум нон пўхтан осонтар буд?
СПАНОС
Писарамро рањо бикун!...Ў ба њама муњаббат дорад…Њайвонњоро бисёр њам дўст медорад…сагчаи худро дорад…хурдакак…ва одамонро њам дўст медорад…кўдак аст, тамоман кўдак…Ту ба он нигоњ накун, ки чунин солору болобланд аст… кўдак аст њанўз…
ЉЕЛИКО
Охир, барои чї њисси падарии шумо танњо барои фарзандони худатон басанда аст? Барои чї?! *(Аз кўча садои њаракати мошин ва омадану таваќќуф кардани он ба гўш мерасад)*
ЛИЛИКО
Кист?
ЉЕЛИКО
Сабр бикун!... *(Чароѓро хомўш месозад ва аз тиреза ба берун менигарад)* Пайрањадорон!
ЛИЛИКО
Худоё, худравро аз назар мегузаронанд,…метарсам…
СПАНОС
*(Фарёд мезанад)* Ёрї дињееееед!
ЉЕЛИКО
Даматро гир!
СПАНОС
Ёрї расонеееед!
ЛИЛИКО
Ба худрави худ мешинанд.
СПАНОС
Ёрї дињееееед! *(Садои худрави рафтаистода)*
ЛИЛИКО
Мераванд.
СПАНОС
*(Фориѓболона)* Рафтанд.
ЉЕЛИКО
Палид!
СПАНОС
Писарамро рањо кунед…коњи куњнаро бод додан чї лозим?
ЉЕЛИКО
Хама корро хоњам кард, то гузашта дигар барнагардад…
СПАНОС

Лозим нест…
ЉЕЛИКО
Пас, барои чї ба ин љо омадї? То бо ў њамхоба шавї! Њамин хел?
СПАНОС
Писарамро ба њоли худаш гузор…ба вай даст нарасон *(рагупанља мекашад ва мекўшад ба фарш мушт кўбад)* Њар коре мехоњед, бикунед, аммо танњо бо ман!...
ЉЕЛИКО
Натарс. Касе чизеро намешнавад…саъй бикун, ки ором бошї…ман-ку на чунин рафтор мекардам…
СПАНОС
Хунук аст.
ЉЕЛИКО
Каме дигар ва гарм мешавї… ва дигар њеч гоњ хунук намехўрї…арақ њам намекунї…
СПАНОС
*(Ба Лилико)* Коре бикун… ба ў бигў…туро гўш мекунад…охир, гуфта будї, ки ба ту писанд њастам…
ЉЕЛИКО
Нола накун…муваффақ намешавї…писари туро фирефта сохтам, чуноне ки ў туро…њоло дар кулбаи торик бандист… қасд бояд қасд бошад…модараш озор бинад, чунонеки модари ман озор диду дард кашид…расан айнан чунин буд-а?
СПАНОС
Ман гунoњ надорам…савган мехўрам, ки бегунoњам… айби Ламброу…барқ дардовар аст…ба ў бигў, ки ин корро накунад…писарам тоқат намекунад…дар рўйи дастњои шумо љон медињад…
ЛИЛИКО
Чаро шумо ин корро кардед?
СПАНОС
Харчи буд, гузашт…Ўро боздор аз ин кор… Манъаш бикун…
ЛИЛИКО
Њозир чизе наметавонад ўро боздорад…
СПАНОС
Мо на барои куштан, балки барои бим додан…барои бастани дањон…то ки дигар ба иштибоњ роњ надињанд…
ЛИЛИКО
Охир, вањшигарї ин беқонунист…дигар хел ном бурда намешавад…вақте ки ин ба сї њазор одам раво дида мешавад, дигар хел ном намебарї…
ЉЕЛИКО
Барои шиддат додани таъсири барқ аввал оби хунук мерехтанд…бале, он љо занги маро интизоранд…
СПАНОС

Лозим нест…занг назан…Пойњои туро мебўсам…Занг назан…Ман падарам охир…падари ў…
ЉЕЛИКО
Он љо зуд мекушанд *(Гўшии телефонро мебардорад)*
СПАНОС
Зарурат надорад! Ман инро тањаммул карда наметавонам!...
ЉЕЛИКО
Модари ман њам тањаммул карда натавонист.
СПАНОС
Ту њам рўзе модар мешавї…Мефањмї…аммо дер мешавад…
ЉЕЛИКО
Даматро гир! Њозир ба ту имкон медињам, ки овози писаратро шунавї…
СПАНОС
Охир, њама медонанд… њама…аз љумла, ту њам…ки охирин орзуи дар њолати назъбударо иљро бояд кард…ман охирин дархости худро дорам…орзуи яккаву ягона…
ЉЕЛИКО
Бигў.
СПАНОС
Ба назарам чунин менамояд, ки акнун модари туро дарк мекунам…
ЉЕЛИКО
Кўтоњ!
СПАНОС
Аз диди шумо одамон бояд баробар бошанд… њама яксон… охир, барои њамин мубориза бурданд ва љабр кашиданд…
ЉЕЛИКО
Давомаш, давомаш *(Раќам мечинад)*
СПАНОС
Ист! Ин корро макун! Занг назан! Хоњиши охирини маро иљро бикун!...
ЉЕЛИКО
Нагуфтї, охир *(Аз раќамчинї даст мекашад)*
СПАНОС
Аввал маро кушед…Маро кушед аввал… *(Пауза. Љелико тўлонї ба Спанос менигарад ва баъд раќамчинї мекунад)*
ЛИЛИКО
*(Фарёд мезанад)* Бас аст! Ин бозии шумро хотима дењ!...
ЉЕЛИКО
Хап ист!
ЛИЛИКО
Писари туро асир нагирифтаанд! Ў дурўғ мегўяд! Озод аст вай!...
СПАНОС
Чї тавр? Худоё! Дар озодист! Писарам!...
ЉЕЛИКО

*(Ба хоҷараш)* Чӣ тавр ҷуръат кардӣ? Чӣ тавр ту ба ин ҷуръат кардӣ? Ҳамаро хароб сохтӣ!
ЛИЛИКО
*(Хоҷарашро канор мезанад)* Агар ӯ наҳанги сафед аст, туи аз ақл беруномада ба василаи шикори наҳанг мемонӣ... Фикр дорӣ, ки ҳамаи бадбахтӣ аз ӯ бармеояд?
ЛИЛИКО
Андеша дорӣ, ки ӯ гуноҳе надорад?
ЛИЛИКО
Гунаҳгор аст, аммо на дар маҳмӯъ охир! Ӯ ҳамааш шуда, як мурватчаи мошини бузург аст...
ҶЕЛИКО
Пас, бояд зиндагиашро идома диҳад?
ЛИЛИКО
Куштани вай чиро метавонад тағйир бидиҳад? Ҳамон соат ба ҷойи ӯ каси дигарро мемонанд.
ҶЕЛИКО
Мегӯйӣ ӯро сар додан лозим аст?
СПАНОС
Меравам! Меравам ва ҳамаро фаромӯш месозам! Ба писарам савганд мехӯрам...
ЛИЛИКО
Каме баъд соати комендантӣ оғоз меёбад.
ҶЕЛИКО
Мехоҳӣ бигӯйӣ, ки сари вақт ӯро раҳо бикунем ва бигузор ба хонааш равад...
ЛИЛИКО
Агар кушта шавад, ҳама ҳалли худро меёбад?
ҶЕЛИКО
Пас, чӣ тавр амал бикунем? Роҳи ҳал куҷост?
ЛИЛИКО
Дар бисёр кишварҳо ҳукми онҳоро хонда, ҳабс карданд.
ҶЕЛИКО
Кӣ ҳукм баровард? Дар дунё ҳамин гуна мақомот ҳаст? Кӣ метавонад ҳукми онҳоро барорад?

*(Пауза)*

*(Ҷелико туфангро ба даст мегирад)*

Рӯ ба девор! Рӯ ба девор, мегӯям! Зуд бош! Баргард!

*(Спанос ба оҳистагӣ рӯ ба девор гардонда, ба зону мезанад. Ҷелико рафта, аз пушти вай истода, туфангро ба пушти сараш рост мекунад)*

ЛИЛИКО
Лозим нест!

(*Беҳаракат, муҷассама мешаванд)*

**ХОТИМА**

**1980 ш. Анќара**